ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (143-144) 16-УМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2021, СЕШАНБЕ

ДАР ИН ШУМОРА:

ПАЁМ – МУАЙЯНКУНАНДАИ ДУРНАМОИ КИШВАР с. 2

НАҚШИ ПАЁМ ДАР ТАҚВИЯТИ НИЗОМИ СУДӢ с. 5

НОУ-ХАУ с. 6

АСРОРИ КОМЁБИҲО с. 7

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН с. 8-9

О НОВЫХ ТЕРМИНАХ В ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКЕ с. 10

ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ с. 11

ЛОИҲАИ БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТ... с. 12-15



Дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем.

Тайи солҳои 2018-2020 Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарини сайёҳии пиёдагардӣ, ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид ва шоҳроҳи Помир ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил шуда, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амният ворид гардид.

Зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Насриддинзода Э.С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ПАЁМ – МУАЙЯНКУНАНДАИ ДУРНАМОИ КИШВАР

Таърихи 26-уми январи соли 2020 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ироа карда шуд.

Дар Паёми худ Пешвои миллат доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, таъмини рушди иқтисодӣ, саноат, энергетика, нақлиёт, алоқа, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, тандурустӣ, фарҳанг, илм, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ баромад намуда, оид ба дастовардҳо ва мушкилоти ҷойдоштаи соҳаҳои ишорашуда ибрози назар намуданд.



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки соли 2020 барои давлату миллати тоҷик ва халқи он соли бениҳоят мушкил буд, аммо халқи тоҷик бо иродаи қавӣ ва меҳнати содиқона дар пешрафти Ватани азизи худ саҳми арзишманд гузошта, мушкилоти мавҷударо ба осонӣ паси сар намуданд. Ин далели муттаҳидӣ ва сарҷамъии халқи тоҷик ва миллати тоҷикро бозгӯӣ менамояд. Умед карда шуд, ки халқи сарбаланди тоҷик бо меҳнату заҳмати шабонарӯзии худ аз тамоми мушкилиҳо хоҳанд баромад ва ҷашни бузурги миллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатиро бо чеҳраи кушодаву дастурхони пур аз нозу неъмат ва дар фазои сулҳу оромӣ таҷлил хоҳанд намуд.

Дар маҷмӯъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар дарбаргиранди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа буд, ки дурнамои минбаъдаи онҳоро барои соли 2021 муайян менамояд. Боварии комил дорем, ки халқи соҳибхиради тоҷик Паёми Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, бо меҳнати софдилона барои ободии Ватани азизамон ва нигоҳ доштани сулҳу суботи комил дар мамлакат саҳми арзишманди худро мегузоранд.

# ТАМОШОИ ПАЁМ АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНУ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ

Санаи 26-уми январи соли 2021 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷиҳати тамошо намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар шароит фароҳам оварда шуд ва устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет ба таври мустақим Паёми Пешвои миллатро дастаҷамъона тамошо намуданд. Бояд қайд намуд, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамасола сурат гирифта, дар он ҷанбаҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Паёми имсолаи Пешвои миллат ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ омад. Аз ин рӯ, таъкид карда шуд то тамоми мардуми кишвар барои дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин ҷашни барои миллату давлати тоҷик бисёр арзишманд тамоми ҳастиашонро сафарбар намоянд, зеро меҳнати содиқонаи онҳо бахри ободии Ватани азизамон саҳми онҳоро дар





таҷлили ин иди муқаддас ифода менамояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурнамои тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар муайян карда шуданд, ки ҳамагӣ барои пешравии Ватани азизамон ва шоиста муаррифӣ намудани миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ равона гардидаанд. Ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Паёми имсолаи Пешвои миллатро чун ҳуҷҷати роҳнамо барои фаъолияти худ дар соли 2021 қабул намуда, иброз доштанд, ки нуктаҳои Паёмро сармашқи фаъолияти кории ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**



# ҲАМОИШИ ИЛМӢ

Санаи 27-уми январи соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷиҳати баррасии моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамоиши илмӣ баргузор гардид. Ҳамоиши илмӣ ҷиҳати иҷрои банди 2-юми Нақшаи чорабиниҳои иловагӣ оид ба тақвияти фаъолнокии иттилоотии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 12-уми январи соли 2021 оид ба ҷалби вазорату идораҳои марбута, аҳли илму адаб ва ҷавонони солимфикру соҳибхиради ватандӯст дар сатҳи баланди ғоявӣ баргузор кардани чорабиниҳои илмию оммавӣ дар хошияи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат тасдиқ гардидааст, баргузор гардид.

Ҳамоиши илмиро Раиси кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, профессор Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ чун паёмҳои қаблӣ самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро фаро мегирифт. Дар зарфи 30 соли Истиқлолияти давлатӣ давлату ҳукумати кишвар тамоми захираву имкониятҳо ва саъю талоши худро барои расидан ба чор ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар равона намуда, дар самтҳои ишорашуда ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Мавсуф, ҳамзамон иброз намуд, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дурнамои фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти қонунбарори кишварро муайян менамояд, зеро дар он такмили қонунгузории соҳаҳои



мухталиф ва таҳияву қабул намудани қонунҳои хусусияти миллидошта пайваста ба миён гузошта мешаванд.

Дар кори ҳамоиши илмӣ олимони маъруфи ватанӣ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, намояндагон аз вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ВАО ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.

Изҳори умед карда шуд, ки мардуми шарифи кишвар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, барои ободии Ватани азизамон ва созвор истиқбол гирифтани ҷашни барои миллати тоҷик азизу арзишманд – 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ тамоми ҳастии худро сафарбар менамоянд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**

**Уҳдадории ҳарбӣ – уҳдадории конститутсионии шаҳрвандони ҶТ оид ба ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753**

**Санаи 26-уми январи соли 2021 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид намуданд, ки «бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ тибқи Фармони Президенти мамлакат аз 5 июни соли 2020 сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзу ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии беш аз 450 миллион сомонӣ пешниҳод карда шуданд...»**



Дониёр САНГИНОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, профессор

# ПАЁМ – ҲУҶҶАТИ ТАҲКИМБАХШИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРОН

## ИМТИЁЗҲО

Дар ин замина, бояд зикр намуд, ки як қатор муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҶТ» аз 5 июни соли 2020, №1544 ба дастгирӣ ва ҳифзи соҳибкорони кишвар равона гардида буд. Аз ҷумла: -дар асоси он то охири соли 2020 бо мақсади кам намудани хароҷоти истеҳсолии корхонаҳо, роҳ надодан ба баландшавии нархҳои маҳсулоти ватанӣ, хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ ва сатҳи таваррум баррасии масъалаи баланд бардоштани тарифи хизматрасониҳо, аз ҷумла неруи барқ, об, оби полезӣ, алоқа ва хизматрасониҳои коммуналӣ мавқуф гузошта шуд; -аз 1 апрел то 1 сентябри соли 2020 ба иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои хӯроки умумӣ, марказҳои саломатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, ҳамлу нақли мусофиркашонии байналмилалӣ ва аэронавигатсия таътили пардохтҳои андозӣ пешбинӣ гардида, ҳисобкунии фоизҳоро барои сари вақт пардохт нагардидани андозҳо барои ҳамин давра манъ гардид; -аз 1 май то 1 августи соли 2020 субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро, ки бо сабаби паҳншавии бемории сироятии COVID-19 пурра фаъолиятро боз дошта буданд, аз пардохти маблағи иҷораи моликияти давлатӣ озод карда шуданд; -аз 1 май то 1 сентябри соли 2020 барои субъектҳои хоҷагидорие, ки дар муҳлати муқарраршуда андози иҷтимоиро пардохт накардаанд, татбиқи чораҳои ҷавобгарии андозиро манъ намуд; -аз 1 май то 1 августи соли 2020 соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент дар бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ фаъолият менамуданд, аз ҳисоб ва пардохти андозҳо озод намуд; -аз 1 май то 1 сентябри соли 2020 ба шахсони воқеӣ барои пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул таътили андозӣ муқаррар гардид; -фаъолияти муассисаҳои тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳоро вобаста ба ройгон ҷойгир кардани шаҳрвандон барои таҳти муоинаи тиббӣ қарордошта ва ё табобат аз бемории сироятии COVID-19 ба муҳлати дахлдор аз андозбандӣ озод шуданд; -аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ тавассути муассисаи давлатии «Фонди дастгирии давлатии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ширкатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯрокворӣ ва таъиноти тиббӣ, бахусус соҳибкорзанҳо маблағҳои қарзии имтиёзнок ҷудо гардид; -ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ дар ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор) дар доираи қонунгузории амалкунанда ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ маблағҳои қарзии фавқулода пешниҳод шуд; -дар доираи имкониятҳои ҷойдоштаи ташкилотҳои қарзӣ ва бо дарназардошти пешгирии хавфҳо ҷиҳати аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ татбиқ нагардидани ҷаримаҳо нисбат ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони воқеӣ, ки ӯҳдадории қарзии худро аз 1 май то 1 октябри соли 2020 аз рӯи қарзҳои муҳлатнок анҷом дода наметавонанд, чораҷӯӣ карда шуд ва ғайра.

## БАЛАНД ГАРДИДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Маҳз ба тасвиб расидани фармони мазкур боис гардид, ки иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид.**

Хусусан, истеҳсоли маҳсулоти озуқа нисбат ба соли 2019-ум 28,3 фоиз афзоиш ёфт, ки ба беҳтар таъмин гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ мусоидат намуд. Ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 5,4 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 1,3 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд. Танҳо соли 2020-ум 300 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо зиёда аз 6500 ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Дар ин давра зиёда аз 193 ҳазор ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10 фоиз афзоиш ёфт. Пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар дар соли 2020-ум 17,2 фоиз афзуда, 11,4 миллиард сомониро ташкил карданд, ки ин гувоҳи зиёд шудани даромади аҳолӣ ва эътимоди мардум ба ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Соли 2020 дар саросари кишвар 18300 иншооти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи ҷашни сисолагии истиқлол банақшагирифташуда, ки бештари онҳо иншооти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва варзиш мебошанд, бунёд ва ба истифода супорида шуда, бо ҳамин роҳ даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё карда шуданд. Дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар қариб 10 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 4,6 фоиз зиёд мебошад. Тайи солҳои 2018-2020-ум дар кишвар 145 ширкати нав иҷозатномаи фаъолият гирифта, дар ин муддат, дар маҷмӯъ, 224 ширкат ба бозори сайёҳӣ ворид гардид. Дар заминаи ташаббусҳои зикргардида ва имтиёзҳои дар ин самт пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат фаъолияти бахши хусусӣ густариш пайдо карда, шумораи меҳмонхонаҳо ва дигар инфрасохтори хизматрасонӣ зиёд шуд ва ин тадбирҳо ба рушди деҳот, хусусан, дар хатсайрҳои сайёҳӣ таъсири мусбат расониданд.

## АФВИ ДОРОИҲО

Навобаста аз рушди соҳаи соҳибкорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, роҳбарони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, дигар вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро оид ба ҷалби сармояи мустақим, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, бахусус, ҷиҳати ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ густариш диҳанд. **... Илова бар ин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ пешниҳод менамоям, ки соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии маблағҳо ва дигар дороиҳо афв гузаронида шавад.**

## КОДЕКСИ АНДОЗ ДАР ТАҲРИРИ НАВ

Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи март ба Ҳукумат пешниҳод намояд. Бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ пешниҳод менамоям, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд. Бо вуҷуди ин ҳама ва бо дарназардошти соли ҷамъбастии ташаббуси «Солҳои рушди деҳот сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», Кумитаи рушди сайёҳӣ, дигар сохтору мақомоти марбута, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки доир ба афзоиш додани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишвар ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ барои ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, бахусус, рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои аввалиндараҷа андешанд».

**Таҳлили Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далели он аст, ки он ҳамчун ҳуҷҷати таҳкимбахши ҳуқуқи соҳибкорон дар Тоҷикистон эътироф гардидааст. Маҳз тавассути паёми худ Пешвои миллат ҳамасола барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон шароит фароҳам меорад, инчунин баҳри такмили қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва таҳкими ҳуқуқи соҳибкорон саҳм мегузоранд.**

## ПАЁМИ ПЕШВО

**Биё ҳамватан, то барем даст ба кор.
Кунем меҳани худ, чу хуррамбаҳор.
Хиёбон бунёд созему кох,
Пулу роҳу боғу ҷӯйу токзор.
Ба кӯшиш ҳиммат барему ба нанг,
Кунем шаҳру деҳ пургулу сабзазор.
Ба ороишу тозагӣ рӯ кунем,
Ки то бошад ободу зебо диёр.
Зи кундиву бекорӣ вайрон шавад,
Ҷаҳон гарчи бошад ба сони ҳисор.
Зи бекор, безор бошад Худо,
Чунин буду ҳаст одамиро шиор.
Чи хуш бошад, саҳрову дашту даман,
Фурӯ бошад дар домани киштзор.
Лаби ҷӯву дарёву домони боғ,
Ба тан ҷома пӯшад зи себаргазор.
Саросар бошад меҳан гулбасар,
Ки бошад дар он савти хуши ҳазор.
Кунад мардум мӯйу риш ороста,
Ба ҳар кӯ гар сартарош аст ба кор.
Ва ҳам бошад кошонаи ҳусн агар,
Ҷаҳони хубонро шавад созгор.
Ба гармоба чу гарм созем бадан,
Кунем дур зи худ гарду чангу ғубор.
Биё рӯ кунем бар маорифу тибб,
Ба ин ҳар ду бошад ҷаҳон устувор.
Шавад зиндагӣ бад зи пархошу ҷанг,
Ба оромӣ хуш бигзарад рӯзгор.
Ба созандагӣ рӯ бигирему роҳ,
Ба ободӣ бошад ҷаҳон пойдор.
Ба меҳнат роҳат насиб аст ба кас,
Кунем бо ҳам кору занем чангу тор.
Набояд, ки бошем бегонахоҳ,
Ки хоинро бошад сару тан ба дор.
На ном аст моро Ҳилолу Билол,
Дилором ном асту Исфандиёр.
Каживу ғажӣ шеваи орӣ нест,
Ки бояд будан поку парҳезгор.
Накӯкорӣ фарз асту суннат ба кас,
Ки ин панд аст аз рафтагон ёдгор.
Ба сӣ соли Озодии тоҷикон,
Ки меҳмонон оянд аз ҳар канор.
Ки бас бошем орому ободу хуш,
Набояд будан сархаму шармсор.
Чунин бошад кишвар, агар бок нест,
Вагарна гиристӣ ба он зор-зор.
Ки тоҷикро обу гил аст аз баланд,
Чу кӯҳсорон бойад будан бовиқор.
“Меҳан созем ободу орому хуш,”
Чунин аст паёми Шаҳи тоҷдор.
Ки ояндагон з-ин раҳу ройи мо,
Ки бошад, ки бошанд ҳаме комгор.
Кунун вақти кор асту паймону ҷуд,
Кунем Содиқ ҷон баҳри меҳан нисор.
Рисолат бувад одамиро чунин,
Ҳамин аст фармуди Парвардигор.**



**Содиқи КАШРУДӢ**



**Муҳаммадҷон СОҲИБЗОДА**
**муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – МЕҲВАРИ БУНЁДИИ РУШДИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, махсусан бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ва тағйиру иловаҳои минбаъдаи он падидаи «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ ва стратегӣ рӯи кор омад. Мутобиқи моддаи 55 Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 ва моддаи 10 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 19 апрели соли 2000 дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд. Президенти мамлакат ба мақоми олии қонунгузор дар даврони Истиқлол 20 маротиба бо Паёмҳои худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баромад намуданд.**

Таҳлилҳои муқоисавии Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд, ки онҳо аз якдигар вобаста ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву ҳуқуқӣ бо таҳлилҳои воқеии кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ бо дарназардошти вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамо, масъалагузорӣ карда мешаванд. Инчунин, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили мақсадҳо ва афзалиятҳои стратегии дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ифодаёфта, асос мебошад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳуҷҷати дорои мазмуни стратегии муайянкунандаи вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамои соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат буда, ҳар сол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Паёми имсолаи Президенти мамлакат ба мақоми олии қонунбарории кишвар, 26 январи соли равон, яъне дар соли барои мардуми шарифи Тоҷикистон воқеан таърихӣ - сиюмин солгарди истиқлолу озодии Ватани азизамон ироа гардид.

Яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва бунёдиро дар Паёми имсолаи Президенти кишвар самтҳои мухталифи сиёсати ҳуқуқии кишвар фарогир буда, заминаи онро такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, устувории низоми иқтисодиву иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бо ин васила таҳкими фаъолият бо мақсади рушди низоми қонунгузории ҶТ ташкил медиҳад.

Низоми қонунгузории ҶТ дар заминаи сабаб ва омилҳои гуногун рушд намуда, яке аз воситаҳои муҳим дар такмили он маҳз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Ин ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ дар самти ислоҳоти низоми қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо ва қонунҳо, такмили фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқэҷодкунанда, таҳкими фаъолияти мақомотҳои татбиққунандаи ҳуқуқ, беҳтар намудани сифати қонунҳо ва воқеигардонии онҳо ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ ва бо ин васила мутобиқ гардонидани онҳо ба стандартҳои милливу байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Бахшҳои меҳвариву бунёдӣ ва асосии Паёми имсолаи Президенти кишварро дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин масъалаҳо фарогир мебошанд:

1. **Бо мақсади танзими чораҳои имтиёзӣ дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ, такмили низоми меъёрии ҳуқуқии кишвар дар ин ҷода ва мутобиқгардонии низоми қонунгузории андози кишвар бо стандартҳои нави байналмилалӣ зарурияти дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми имсолаи Президенти кишвар махсус баён гардид.** Ин ташаббус имконият медиҳад, ки низоми қонунгузорӣ дар самти татбиқи сиёсати андозии кишвар такмил ва чораҳои сабуки пардохти андозӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муқаррар карда шаванд.

2. **Вобаста ба рушди фаъолияти иқтисодии кишвар дар самти такмил ва таҳияи лоиҳаи санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ доир ба фаъолияти қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва монанди ин фаъолиятҳо дар Паёми Пешвои миллат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.** Аз ҷумла қайд гардид, ки ҳанӯз ҳам нокифоя будани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, низоми сусти идоракунии корпоративӣ, зиёд будани хавфҳои амалиётӣ ва қарзӣ, боқӣ мондани қарзҳои ғайрифаъол, кофӣ набудани ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъсиси намояндагии бонкҳои хориҷӣ ҷиҳати беҳтар намудани маблағгузории корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумлаи камбудиҳое мебошанд, ки бояд ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд. Бо мақсади бартарафсозии камбудиҳои болозикр ва танзими ҳуқуқии равандҳои мазкур Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо дарназардошти таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ ба талабот мутобиқ сохта, раванди идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва тадриҷан афзоиш додани сармояи оинномавии онҳоро таъмин намояд.

3. **Яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳукумати мамлакатро дар самти ба роҳ мондани сиёсати инсондустӣ қонунигардонӣ ва авфи маблағҳо ва дороиҳои шаҳрвандон баҳри рушди сармояи иқтисоди кишвар ташкил медиҳад.** Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ, соли ҷорӣ дар ҶТ бинобар қонунигардонии маблағҳо ва дигар дороиҳо авф гузаронида шавад. Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки вобаста ба татбиқи пешниҳоди мазкур санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқиро дар самти татбиқи чораҳои қонунигардонӣ ва авфи маблағҳо ва дигар дороиҳо таҳия ва қабул намояд.

4. Инчунин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо вазорату идораҳои марбута барои аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё даховат ба фаъолияти сармоягузорону соҳибкорон дар муҳлати кӯтоҳтарин лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад.

5. **Дигар бахши муҳиме, ки Президенти кишвар дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ таваҷҷуҳи махсус равона намуданд, ин тақвияти соҳаҳои истеҳсолии фаъолияти сохторҳои марбутаи мамлакат барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ «Саноатикунонии босуръати мамлакат» мебошад.** Махсусан, ҷиҳати рушди саноати маъдан ва дигар соҳаҳои саноати коркард ба Саридораи геология якҷо бо вазорату идораҳои марбута супориш дода шуд, ки дар асоси таҳлили захираҳо ва дараҷаи омӯзиши геологии онҳо лоиҳаи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияро барои солҳои 2021-2030» таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд. Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати стратегии муайянкунандаи дурнамои рушди соҳа маҳсуб гардида, заминаи воқеиро дар таҳкими фаъолияти сохторҳои марбутаи саноати маъдан ва дигар соҳаҳои саноати коркард мегузорад.

6. **Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати барномавие мебошад, ки баҳри амалинамоии ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи занону бонувон ва муайянкунии нақши онҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ аҳамияти муҳимми ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ дорад.** Чунин санади барномавӣ барои солҳои 2011-2020 қабул ва мавриди амал қарор дошт, ки заминаҳои ҳуқуқиву амалиро нисбати занону бонувони кишвар ба вуҷуд овард. Дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат саҳми занону бонувонро дар идоракунии давлатӣ ва татбиқи амалии сиёсати ҳукумати кишвар муҳим арзёбӣ намуданд. Зикр намуданд, ки Ҳукумати мамлакат ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад. Бо ин мақсад, ба Кумитаи кор бо занон ва оила супориш дода шуд, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати мамлакатро дар бораи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2021-2030» ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021-2025 таҳия ва пешниҳод намояд.

7. **Президенти мамлакат қайд намуданд, ки хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд.** Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд. Мардуми шарифи Тоҷикистон, махсусан ҷавонони бонангу номуси кишвар инро набояд фаромӯш кунанд ва бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд. Тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд, ироа намуд Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Бо мақсади идомаи корҳо дар ин самт, Прокуратураи генералӣ вазифадор карда шуд, ки лоиҳаи нави «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

8. **Маориф ва илм меҳвари калидии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Пешвои миллатро ташкил дода, ба ин самт пайваста таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.** Дар Паёми навбатӣ ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ таваҷҷӯҳи махсус равона гардид. Аз ҷумла, ба Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода шуд, ки ҷиҳати ҳарчи бештар ба хориҷи кишвар фиристодани ҷавонони боистеъдоду лаёқатманд аз рӯи равияи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ «Барномаи тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ барои солҳои 2021-2030»-ро таҳия карда, дар муддати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

9. **Таҳкими фаъолияти мақомотҳои татбиққунандаи ҳуқуқ ҳамчун василаи муҳим дар амалигардонии воқеии меъёр, стандарт ва нишондодҳои асосии пешбиникардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шумор меравад.** Дар ин замина, яке аз шохаҳои мустақили ҳокимият, ки аз ҷумлаи мақомоти асосии татбиққунандаи ҳуқуқ маҳсуб гардида, таъмингари қонуният ва адолати судӣ мебошад, мақомоти судии кишвар ба шумор меравад, ки пайваста дар Паёмҳои Президенти мамлакат дар самти тақвияти таъмини кадрҳои баландихтисос ва кордон ба ин ниҳод ва бартарафсозии монеаҳо дар фаъолияти онҳо ҷойдошта, масъалагузорӣ мегардад. Дар Паёми навбатии хеш Президенти кишвар иброз доштанд, ки «ман дар вохӯрӣ бо судяҳо моҳи ноябри соли 2019 вобаста ба масъалаҳои таъмини қонуният ва адолати судӣ, тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии баъзе камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ҷойдошта ибрози андеша карда будам. Аз ин рӯ, роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ба масъалаҳои баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, тайёр намудан ва интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд».

10. **Мусаллам аст, ки мақоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ваколати қабули қонунҳо ба вакилони парламент вогузор аст.** Дар шароити кунунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби парлумони кишвар қабулгардида танзимгари муносибатҳои мухталифи ҷомеа дар самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра ба шумор рафта, боиси рушди кишвар гардидаанд. Пешвои миллат баҳри тақвияти фаъолият дар ин самт иброз доштанд, ки «боварӣ аст вакилони халқ тавассути қабули қонуну қарорҳо дар пешрафти ҷомеа минбаъд низ саҳми худро мегузоранд. Вале фаъолияти онҳо набояд бо қабули қонуну қарорҳо маҳдуд гардад. Яъне, вакилон вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти татбиққунандаи қонунҳо ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ намудани онҳо саҳм гузоранд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои ба талаботи рушду пешрафти ҷомеа мувофиқро омода ва пешниҳод намоянд». Чунин раванд метавонад дар муқаррарнамоии меъёрҳои ба низоми рушди соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мусоидат намуда, механизми фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро тақвият бахшад.

Дар умум таҳлили Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паҳлуҳои мухталифи сиёсати ҳуқуқии кишварро, махсусан дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои андоз, қонунигардонии маблағҳо ва дигар доираҳо, фаъолгардонии нақши занон дар ҷомеа, пешгирии терроризму экстремизм, таъмини ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, ба таҳкими фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ равона гардида, ба таъмини рушди низоми қонунгузорӣ ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ ва стратегӣ мусоидат хоҳад кард.

# НАҚШИ ПАЁМ ДАР ТАҚВИЯТИ НИЗОМИ СУДӢ



**Далер РАҲМОН**
**судяи суди н.Сино**

Тавре ки ба тамоми қишрҳои ҷомеа маълум аст, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҶТ" 26 январи соли 2021 дар толори калони "Кохи Сомон" – бӯстонсарои ҳукуматӣ баргузор гардид. Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат моҳияти равандҳои асосии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амиқ арзёбӣ гардида, масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат ҳамаҷониба баррасӣ гашта, барои рушди устувори ҳар як соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳои қатъӣ дода шуд. Дар паёми имсола Президенти кишвар ба ҳокимияти судӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд намуданд: "Ман дар вохӯрӣ бо судяҳо моҳи ноябри соли 2019 вобаста ба масъалаҳои таъмини қонуният ва адолати судӣ, тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият, роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии баъзе камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ҷойдошта ибрози андеша карда будам. Аз ин рӯ, роҳбарияти Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бояд ба масъалаҳои баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, тайёр намудан ва интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд". Ин суханронии Пешвои муаззами миллат бори дигар мо - судяҳову кормандони мақомоти судиро водор менамояд, ки ҳамеша дар хизмати халқ ва Ватани маҳбубамон бошему, принсипи қонуниятро амалӣ намуда, адолати судиро дар доираи ваколати худ амалӣ гардонем.

Аз мазмуни суханронии Сарвари давлат чунин хулоса намудан мумкин аст, яке аз шохаҳои мустақили ҳокмияти давлатӣ ин ҳокимияти судӣ мебошад. Аз ин рӯ, маҳз шохаи мазкур таъмини адолатро дар кишвар ба роҳ монда тамоми тадбирҳоро вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меандешад. Барои таъмини принсипи қонуният ва адолат дар кишвар санадҳои меъёрии зиёд қабул гардидааст, ки такмили низоми судии кишвар аз онҳо вобастагии зиёдро доро мебошад. Аз ҷумла, дар баробари Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи судҳои ҶТ" дар кишвар «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2019-2021» қабул гардидааст, ки моҳияти асосии он пай дар пай такмил додани низоми судии кишвар мебошад.

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ барои солҳои 2019-2021 идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки ба паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 декабри соли 2018 асос ёфта, амалисозии тадбирҳои заруриро ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ ва такмили қонунгузорӣ доир ба фаъолияти судҳо, хадамоти иҷро, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд. Аз матни барномаи мазкур бармеояд, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такмили низоми судии кишвар нақши муассирро доро мебошанд. Зеро қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳо ва стратегияҳои дахлдор дар самти фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ аз паёмҳои Сарвари давлат сарчашма мегиранд.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки паёми имсолаи Сарвари давлат ҷанбаҳои зеринро дар самти фаъолияти ҳокимияти судӣ дар бар мегирад: таъмини қонуният ва адолати судӣ; тарбияи кадрҳои кордону поквиҷдон ва дорои сатҳи баланди касбият; интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо; роҳ надодан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии баъзе камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти судӣ ҷойдошта. Ба инобат гирифтани дастурҳои зикршуда, метавонад қадами навро дар такмили низоми судии кишвар таъмин намояд.

# РИОЯИ МАДАНИЯТИ ЗАМИНДОРӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

## (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)



**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**
**магистри соли 1**

*26 январи соли 2021 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ироа гардид. Паёми ҳарсолаи Пешвои миллат барои тамоми мақомоти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ як дастури муҳимму раҳнамо маҳсуб ёфта, омили таъмини рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар Паёми имсолаи худ Пешвои миллат ба масъалаи риояи маданияти заминдорӣ, махсусан истифодаи пурра, оқилона ва самараноки қитъаи замин диққати асосӣ дода, пайваста дар суханрониҳои худ ин масъаларо таъкид менамоянд. Аз ҷумла, ба масъалаи самаранок истифода бурдани замин Пешвои миллат дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 диққати ҷиддӣ дода, қайд намуданд, ки "бояд аз ҳисоби самаранок истифода бурдани замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда ва шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот оид ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти он чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешида шаванд".*

**Замин барои рушди босуботи давлат аҳаммияти беандоза муҳим дорад**

Замин дар соҳаи иқтисодии ҳар як давлат аҳаммияти басо калонро доро мебошад ва бинобар ин ҳама гуна муносибатҳое, ки вобаста ба замин ба миён меоянд, мақсаднок ва самараноку оқилона истифодабарии онро талаб менамояд. Замин ҳамчун асоси фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва дигар арзиши муайян дорад ва баҳои кофии замин яке аз шартҳои фаъолияти муътадил ва рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

**Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои камзамин дар ҷаҳон ба шумор меравад. Аз захираи умумии заминҳои ҷумҳурӣ ба сари ҳар як шахс 1,7 гектар замин, аз ҷумла, заминҳои обӣ 0,09 гектар, заминҳои корам 0,08 гектар, заминҳои корами обӣ 0,06 гектар рост меояд.**

Аз ин рӯ, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани ин гурӯҳи заминҳо яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати ҶТ маҳсуб меёбад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳар қадам ва ҳар як ваҷаби заминро мисли гавҳараки чашм нигоҳ дошта, истифодаи пурра, оқилона ва самараноки онро таъмин намоянд.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати камзамин мебошад ва аҳолиаш дар ҳолати босуръати зиёдшавӣ қарор дорад, албатта ин масъалаи мушкилии дастрасии аҳолиро ба қитъаи замин ба миён меоварад. Дар ин раванд майдони заминҳои корам бошад, баръакс кам шуда истодааст.**

**Аз ҷумла, дар соли 1970 ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ 0,17 га замини корам рост меомад, дар соли 2004, ба ҳар як шаҳрванд 0,12 га, дар соли 2019 бошад, ба ҳар як шаҳрванд 0,05 га замини корам рост меояд.**

Ин нишондодҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки муносибат нисбат ба ин бойгарии табиӣ тамоман дигаргун карда шавад. Барои ҳалли ин масъала бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки заминҳои мавҷудаи дар гардиши кишоварзӣ қарордошта пурраву самаранок истифода гардида, заминҳои бекорхобида ва аз гардиши кишоварзӣ дурмонда ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шаванд.

Дар ин замина, ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ бояд ҳар қадам ва ҳар як ваҷаби заминро монанди гавҳараки чашм нигоҳ дошта, истифодаи пурра, оқилона ва самараноки онро таъмин намуда, ҷиҳати нигоҳдории ҳосилнокии он чораҳои дахлдор андешанд.

**Аз истифодаи самаранок ва оқилонаи замин рушди иқтисодиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ, беҳтар кардани некӯаҳволии мардум, коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ, ба ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолӣ, рушди содирот ва бо ашёи хом таъмин кардани саноати хӯрокворӣ вобастагии бевосита дорад.**

Тибқи қонунгузорӣ истифодаи оқилонаи замин истифодаи қитъаи замин мебошад, ки дар натиҷаи он маҳсулнокии қабати ҳосилхезии хок паст намегардад. Истифодаи самараноки замин ин истифодаи қитъаи замин бо мақсади ба даст овардани натиҷаи фоидаовари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба шаҳрвандон миқдори зиёди қитъаҳои замин ҷудо карда шудааст. Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ фармонҳои Президенти кишвар аввал моҳи октябри соли 1995-ум 50 ҳазор гектар ва бори дуюм моҳи декабри соли 1997-ум 25 ҳазор гектар замин ба сокинони кишвар тақсим карда дода шуд, ки барои ташкил намудани хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, аз буҳрони иқтисодӣ баровардан ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ саҳми муҳим гузоштанд. Ин иқдоми нек барои таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Дар вазъияти мавҷудаи мамлакат ва ҳолати мураккаби ҷаҳони имрӯза ягона воситаи асосӣ таъмини амнияти озуқаворӣ ин ба таври самаранок ба роҳ мондани истифодаи замин, баланд бардоштани ҳосилнокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва захира намудани мавод ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки агар дар ҷумҳурӣ ҳар як ваҷаби замин ба таври пурра, самаранок, бо риояи сатҳи баланди маданияти заминдориву кишварзӣ истифода гардида, аз як қитъаи замин то се ҳосил гирифта шавад, пас дар ин ҳолат зарурат ба муҳоҷирати меҳнатӣ қариб пурра аз байн меравад. Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ қайд намуданд, ки дар соли 2020 қариб ҳаштод дарсади шаҳрвандон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта натавонистанд. Яъне ин шаҳодат аз он аст, ки кишвари азизамон имконияти таъмини ҷойи корро ба аҳолӣ дорад ва пайваста Ҳукумати мамлакат дар ин самт кӯшиш намуда истодааст.

Вобаста ба ин Пешвои миллат дар Паёми худ қайд карданд, ки роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳар як кишоварз ва ҳар як оиларо зарур аст, ки истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, захира кардану истифодаи тухмиҳои аълосифат ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се ҳосилро, махсусан, дар соли 2021 таъмин намоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар шароите, ки мамлакат роҳи саноатикунонии босуръати миллиро пеш гирифтааст, дар ин самт нақши замин низ басо калон аст, зеро замин асоси истеҳсолот ва рушди иқтисодиёт мебошад. Заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва бекорхобида бояд ба гардиши кишоварзӣ дохил карда шаванд. Бунёди боғу токзор, аз ҷумла, боғҳои интенсивӣ дар заминҳои бекорхобидаву доманакӯҳҳо бояд зиёд карда шавад, ки ин ҳам яке аз роҳҳои самаранок истифода бурдани заминҳо мебошад.

**Истифода накардан, нопурра ва ғайриоқилона истифода бурдани замин ин нишонаи фориғболӣ ва ношукрист.**

Бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза ҷиҳати таъмини маводи ғизоӣ, дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки тамоми кишоварзони мамлакат барои як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд.

Дарвоқеъ, ин иқдоми наҷиби сарвари давлат хирадмандона ва оқилона буда, ба дастгирии кишоварзон, рушди фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

# ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ИДОРАКУНӢ

**Истиқлолияти давлатӣ тавонист барои занони тоҷик озодандешӣ, зиндагии шоиста ва имконияти ҳамаҷонибаро фароҳам оварад. Имрӯз бо боварии комил гуфта метавонем, ки тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат нақши занон дар тамоми соҳаҳои ҳаётии кишвар, алалхусус дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии ватани маҳбубамон барҷаало ба назар мерасад. Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Маҷлиси Олии ҶТ ироа гардид, ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода шуд.**

Мувофиқи маълумоти омори, ки дар Паёми Пешвои миллат ироа гардид, аз натиҷаҳои интихоботи соли 2020 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 8 нафар занон ё 25.8% ва Маҷлиси намояндагон 15 нафар ё 23.8% интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта қариб 4% зиёд мебошанд. Шумораи занон дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Душанбе ба 41.5%, вилоятҳои Хатлон то 35%, Суғд беш аз 33%, ВМКБ зиёда аз 34% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб 30% расидааст.

Ба ҳолати 1 январи 2021 аз шумораи умумии 19210 нафар хизматчиёни давлатӣ 4485 нафар ё 23,4%-ро занон ташкил медиҳанд.

Сахми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73% ва тандурустию ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68%-ро занону бонувон ташкил медиҳанд. Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати имрӯзаи худро бе иштироки занон тасаввур карда наметавонад. Таҳлили фаъолияти пурсамари занон дар сиёсати имрӯза нишон дод, ки дар ҳақиқат занон дар сатҳи идоракунии давлатӣ нақши хосае доранд. Маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор нисбати мақоми зан дар ҷомеа ва таҳсилу кор кардан дар идоракунии давлатӣ имконият фароҳам овард то зани тоҷик дар баробари он ки ҳамчун тарбиятгар дар оила рисолати модарӣ, ҳамсариро ба ҷо оварад, инчунин сарбаландона аз уҳдаи роҳбарию фаъолият дар сиёсат низ мебарояд. Баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа яке аз нишонаҳои кишвари тараққиёфта ба шумор меравад. Аз тарафи Ҳукумати ҶТ оид ба муҳайё намудани шароити мусоид баҳри фаъолияти занон дар сиёсат корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" ва чандин санаду меъёрҳои дигареро номбар кардан бамаврид аст, ки барои озодона кору фаъолият намудани занон дар корҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Ҷавобан ба дастгириву ғамхорӣ ва имконияту шароитҳои фароҳамовардаи давлату ҳукумат занону бонувони тоҷикро мебояд, ки дар партави сиёсати хирадмандонаю оқилонаи Пешвои муаззами миллат камари ҳиммат баста, пайваста аз пайи инкишофи илму маърифат, ҷаҳонбинию хештаншиносӣ, кору пайкори нек ва махсусан дар гулгулшукуфоии Ватани азизамон ҳиссагузор бошанд.



**Шукрона РУСТАМЗОДА**
**магистри соли 1**

---



**Беҳрӯз ҲАСАНОВ**
**магистри соли 2**

**Дар шароити глобалии ҷаҳони муосир рушди бемайлони технологияи навин ба чашм мерасад. Дар ин раванд инкишофи неруи ақлонӣ гарави таъмини амнияти иқтисодӣ ва гузашта аз ин, амнияти миллию давлатӣ мебошад. Тоҷикистон низ чун давлати соҳибихтиёр ва қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин пешравию комёбиҳои асри навин бархурдор аст. Баъди ноил гардидан ба истиқлолияти кишвар рушди босуръати ҳаёти иқтисодӣ, ки боиси бавуҷудоии шаклҳои гуногуни моликият гардид, тағйиротҳои ҷиддиро дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ки объектҳои он ҳамеша дар инкишофанд, ба вуҷуд овард. Яке аз чунин падидаҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ин сирри истеҳсолии "ноу-хау" мебошад, ки худ натиҷаи фаъолияти зеҳнии (эҷодӣ) инсон ба ҳисоб меравад.**

# НОУ-ХАУ

**Инсон дорои қобилияти эҷодӣ ва фикронист ва дар худ иттилоотеро нигоҳ медорад, ки барои дигарон дастрас намебошад.**

Танҳо шахсони воқеӣ имкон ва қобилият доранд, ки бо меҳнати эҷодӣ ва фикрию зеҳнии худ иттилоотеро, ки барои дигарон дастрас нест дар шакли объективӣ офаранд.

**Сухан дар бораи иттилооти муҳимме меравад, ки он аҳаммияти инфиродан муайян дошта, истифодаи қонунии он мушкилоти муайяни ташкилӣ, техникӣ ва молиявию истеҳсолиро ҳал менамояд.**

Ба сифати чунин иттилоот сирри истеҳсолии "ноу-хау" баромад менамояд. Бе истифодаи он рушди устувори инсонро дар фаъолияти соҳибкорӣ таъмин кардан мушкил аст.

Дар ҶТ масъалаи сирри истеҳсолии "ноу-хау" аз ҷумла, тартиби ҳифзи ҳуқуқии он тавассути қонуни махсус танзими худро наёфтааст, аммо баъзе паҳлуҳои онро Қонуни ҶТ "Дар бораи сирри тиҷоратӣ" муқаррар кардааст. Дар Кодекси граждании ҶТ сирри истеҳсолии "ноу-хау" ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ дар моддаи 1126 пешбинӣ гардидааст. Яъне гуфтан мумкин аст, ки то ба ҳол ин масъала ба таври пурра дар қонун мавқеи ҳуқуқии худро пайдо накардааст.

**Истилоҳи ноу-хау (аз забони англисӣ " know " донистан, " how " – чӣ тавр, яъне донистани он ки чӣ тавр ин ё он корро бояд иҷро кард) бори аввал дар ИМА дар нимаи аввали асри XIX ба вуҷуд омадааст, ки ба маънои экспертизаи техникӣ, донишҳои техникӣ, таҷриба ва сирри истеҳсолӣ фаҳмида мешуд.**

Сирри истеҳсолии "ноу-хау" ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ дар таҷрибаи судии ИМА дар соли 1916 вобаста ба парвандаи граждании "Дизенд ба муқобили Браун" истифода шуда, аз ҳамон сол бе тарҷума ва айнан мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар баробари сирри истеҳсолии "ноу-хау" дар баъзе кишварҳои ғарбӣ, истилоҳи "trade secret" (сирри савдо, сирри тиҷоратӣ, сирри корӣ, сирри фирмавӣ) ба таври васеъ дар амалияи ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ истифода мешавад.

Дар ҳуқуқи англисӣ ва таҷрибаи судӣ оид ба мафҳум ва хусусиятҳои сирри истеҳсолии "ноу-хау" фикри ягона мавҷуд нест. Аксарияти судяҳо мафҳуми сирри истеҳсолии "ноу-хау"-ро ҳамчун маълумоти техникии (тиҷоратӣ, молиявӣ ва ғ.) махфӣ ё ғайримахфӣ мефаҳманд, ки танҳо барои мақсадҳои саноативу тиҷоратӣ пешбинӣ шудааст. Аз соли 1953 ин истилоҳ дар созишномаҳои байналмилалӣ ва адабиёти иқтисодию ҳуқуқӣ ба таври расмӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки "ноу-хау" ин донишҳо, таҷриба ва малакаҳо дар соҳаи кор карда баромадан дар саноат, истеҳсолот, фурӯш, истифодабарӣ, хизматрасонӣ, таъмири ҷориву асосӣ, такмил додани техникаи нав, инчунин дар соҳаи идора, иқтисодиёт, молия ва ғайра мебошад, ки метавонад дар истифода қарор гирад ё арзиши тиҷоратӣ дошта бошад.

Аслан "ноу-хау" натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон дар шакли дониши нав ва иттилооти нав аст. Дониш ва иттилоот бошад, дар ҳама давру замон яке аз омилҳои ба даст овардан ва зиёд кардани сармоя мебошанд. Дорандагони донишу иттилооти нав то он даме, ки ин дониш дастраси дигарон намегардад, афзалиятҳои назаррас доранд.

**Қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи сирри истеҳсолӣ "ноу-хау"-ро истифода набурда, ба ҷои он мафҳуми сирри хизматӣ ва тиҷоратиро ба кор мебарад, ки он айнан ба воситаи аломатҳои сирри истеҳсолӣ таъриф дода мешавад.**

Навобаста аз он ки қонунгузории граждании кишварҳои мухталиф сирри истиҳсолӣ "ноу хау"-ро ба гурӯҳи объекти моликияти зеҳнӣ дохил кардааст, аммо аз чӣ сабаб бошад, ки дар низоми моликияти зеҳнӣ Кодекси граждании ҶТ истилоҳи сирри истеҳсоли "ноу-хау"-ро истифода набурда, ба ҷои он мафҳуми "сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ"-ро истифода кардааст.

Бояд қайд кард, ки истилоҳи сирри истеҳсолии "ноу-хау" аз сирри тиҷоратӣ маҳдудтар аст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки барои истифода намудани истилоҳи "ноу-хау" дар қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҶТ муқарраротҳои дахлдор пешбинӣ карда шавад, ки ин метавонад барои объектҳои ғайрианъанави моликияти зеҳнӣ заминаи ҳуқуқӣ гу-

---

**Шаҳрвандон метавонанд ихтисосҳои қайди ҳарбиро ҳангоми ба синни 17 расидан аз рӯи ихтисосҳои сарбозон ва сержантон аз худ намоянд.**

**Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753**

**Як интихоб метавонад, ки тамоми зиндагии шуморо пур аз комёбиҳо гардонад. Ин интихоб бо одате алоқаманд аст, ки шумо онро бояд бипазиред ва албатта агар дар ҷустуҷӯи посухи ин суол бошед:**



Суман ШАРИФОВА
донишҷӯи соли 1

# АСРОРИ КОМЁБИҲО

## «ЧӢ ТАВР БОЯД ДОНИШМАНД ШУД?»

Умуман ин ҷо ягон сирри махфие вуҷуд надорад. Бояд зиёд китоб мутолиа намуд ва ҳатто хеле зиёд. Бовар намекунед, пас аз тамоми одамоне, ки ба муваффақиятҳои бузург ноил гаштаанд пурсон шавед. Ҳамин ҳоло метавонед шурӯъ кунед... Аммо баъд аз ин, як суоли мантиқие ба вуҷуд меояд. Агар хондани китоб роҳи дурусттарини донишманд шудан аст, пас чаро ин усулро бештари одамон истифода намебаранд. Барои чӣ китобхонӣ хусусияти оммавӣ буданро соҳиб нагаштааст. Инро метавонед аз 10 нафар пурсон шавед. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки 9 нафари онҳо ба шумо танҳо як ҷавобро пешниҳод мекунанд:

## «МАН БАРОИ ХОНДАНИ КИТОБ ВАҚТ НАДОРАМ».

«ВАҚТ» – ин чизи бисёр аҷоиб аст. Он ҳамеша ҳаст, аммо гӯё, ки нест ва бештар аз ҳама вақт барои амалҳое нест, ки онҳо ба мустаҳкамкунии шахсияти мо нигаронида шудаанд. Зеро ки дар иродаи мо ҳамеша як фикр ҳаст: «Пешравиву инкишофёбӣ метавонад мунтазир шавад, то вақтҳои беҳтар.

## АММО МО ВОҚЕАН ТО ОН АНДОЗАЕ, КИ ФИКР МЕКУНЕМ МАШҒУЛ ҲАСТЕМ.

Саҳифае аз мақолаи «Одамони беҳтарин» (Better humans) дар бораи журналист Чарлз Чу, ки исботи кифоягии вақтро барои мутолиа намудан пешниҳод менамояд, нақл мекунад.

Чарльз Чу, исбот менамояд, ки нарасидани вақт ин баҳонаест барои одамоне, ки пешравиро намехоҳанд ва ё ба он бовар надоранд. Ӯ суханҳои худро бо маълумотҳои омории муайян исбот намудааст. Агар ин маълумотҳоро ба инобат гирифт пас мо ба хулосае меоем, ки ҳар яки мо андозаи муайяни вақтро барои мутолиа намудан дорем. Ӯ дар бораи зиндагии шахсии худ мисол меорад, ки хониши зиёд зиндагии ӯро тағйир дод. Мутолиаи 200 китоб дар як сол. Бале шумо дуруст дарк кардед 200 китоб дар 365 рӯз. ИН БОВАРНОКАРДАНӢ АСТ, ҲАМИН ТАВР НЕ? Дар ин сурат, биёед оморҳои зеринро назар кунем:

**Шахсият ба ҳисоби миёна аз 200 то 400 калимаро дар як дақиқа хонда метавонад. Агар ба ҳисоби миёна китоб аз 50000 калима иборат бошад, мешуморем:**

**200 китоб 50000 калима 10 000 000 калима**

**10 000 000 калима / 400 калима 25 000 дақиқа**

**25 000 дақиқа / 60 дақиқа 417 соат.**

Аз ин бармеояд ки барои хондани 200 китоб ҳамагӣ 417 соат дар як сол лозим аст.

Албатта, шахсони зиёде ҳастанд, ки мегӯянд ман ҳатто ин қадар вақт ҳам надорам. Пешниҳод мекунам, ки омори навбатиро назар кунед.

**Чӣ қадар вақтро шахс барои шабакаҳои иҷтимоӣ ва тамошои телевизион сарф мекунад!?**

**Шабакаҳои иҷтимоӣ – 618 соат дар як сол**

**Телевизион –1642 соат**

Агар шахс истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва тамошои телевизионро рад мекард ва ин вақтро барои хондани китоб сарф менамуд, дар он сурат ӯ метавонад дар як сол беш аз 1000 китобро мутолиа кунад.

Мо хонданро фаромӯш мекунем барои он не ки вақт надорем. Ин танҳо барои он аст, ки мо вақти худро беҳуда сарф мекунем. Аз ҳама нофаҳмотар он аст, ки нафароне, ки ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва тамошои телевизион вақти худро мегузоранд, худ эътироф намудаанд, ки ин сарфи беҳудаи вақт аст, аммо бо вуҷуди ин аз ин вобастагӣ даст кашида наметавонанд.

**ДЕВИД КАДАВИ** муаллифи китоби «Дизайн для хакеров» мегӯяд, ки агар шахс ҳар дафъа ҳангоми хоҳиши гирифтани телефон ва истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ китобро дар даст гирад, дар он вақт метавонад ба мақсади гузоштаи худ барои мутолиаи китоб дар як сол бирасад.

Ҳоло бошад, савол махсусан ба шумо хонандаи азиз. Дафъаи баъд, ки хоҳиши сахти ба Инстаграм дохил шудан дар шумо пайдо шавад, то бубинед, ки чӣ чизи аҷоибе дар зиндагии дӯстони инстаграмии шумо рух дода истодааст, чӣ тавр рафтор мекунед? Дубора вақтро беҳуда сарф мекунед ва ё онро қиммат мешуморед?

## ИНТИХОБ ТАНҲО АЗ ШУМОСТ!

# ОМӮХТАНИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ҲАТМИСТ!

Имрӯз масъалаи омӯхтани забонҳои хориҷӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҷавонону наврасони забондон зиёд буда, алалхусус, чунин ашхос дар нуқтаи таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор доранд. Сарвари давлат дар ҳар як суҳбатҳояшон бо зиёиёну ҷавонони мамлакат пайваста як нуқтаро таъкид менамоянд: "Ҳар як ҷавони бофарҳанги кишварро зарур аст, ки ба ғайр аз забони модарии хеш бо на камтар аз ду се забони хориҷӣ озод сухан карда тавонад". Албатта, донистани забонҳои хориҷӣ моро ба техникаву технологияи ҷаҳонӣ ошно месозад, дар баробари хондани китобҳои нависандаҳои бузурги хориҷӣ доираи ҷаҳонбинӣ ва савияи донишамон баланд мешавад.

**Забондонӣ ба волоӣ расонад,**
**Зи гумроҳию нодонӣ раҳонад.**
**Касе к-ӯ беш омӯзад забоне,**
**Расидан бар муроди дил тавонад.**

Новобаста аз оне ки шахс дар кадом соҳаи ҷамъият кору фаъолият мекунад, вай бояд ҳадди ақал бо забони русӣ ва англисӣ озодона ҳарф занад. Танҳо забони англисӣ дар 45 мамлакати рӯйи олам забони расмӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки агар мо танҳо забони англисиро донем, метавонем бо таъриху тамаддун, расму оин ва маданияту фарҳанги 45 давлати рӯи олам ошноӣ пайдо кунем. Инчунин бо роҳи забондонӣ метавонем таъриху фарҳанги



пурғановати Ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоем.

Бояд қайд намуд, ки насли ҷавони истиқлол, имрӯзҳо пайи андӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар ҳамаҷониба талош варзида истодаанд. Бешак, ҷавонони тоҷик дар чорабиниҳою ҷамъомадҳои сатҳи ҷаҳонӣ бо забонҳои хориҷӣ иштирок ва ақидаронӣ намуда, сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ менамоянд. Аз ин бармеояд, ки ҷавонони тоҷик сиёсати хирадмандона ва амру супоришҳои сарвари давлатро сармашқи кору пайкори худ намуда, кӯшиш карда истодаанд, то дар рушди босуръати соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеаи Тоҷикистон бо роҳи муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ ҳиссагузор бошанд.

Хулоса, забондонӣ – ҷаҳондонӣ, бузургӣ, сарбаландӣ ва ифтихор аст, ки дар ҳама гуна лаҳзаҳои ҳаёт инсонро ёвару мададгор аст.

Мухтарама РАСУЛОВА
донишҷӯи соли 1

# СИНДРОМИ СТОКГОЛМӢ



Аминҷон ШЕРОВ
донишҷӯи соли 2

**Дар ҷаҳони имрӯза ба ҳолатҳое вохӯрдан мумкин аст, ки одамонро ба тааҷҷуб меоваранд. Яке аз чунин ҳолатҳо "Синдроми Стокголмӣ" мебошад. Аввалин бор ин ҳолатро психиатр Анной Фрейд соли 1936 пешниҳод намуда буд, вале ҳеҷ кас ба андешаи ӯ таваҷҷуҳи хоса надод.**

Истилоҳи "Синдроми Стокголмӣ"-ро бошад аввалин бор криминалист-психиатр Нилсом Бейрутом дар заминаи маслиҳат ва гирифтани маълумоти кофӣ аз кормандони миллитсия дар вақти дуздидани бонки "Кредитбонк"-и Стокголм пешниҳод намудааст.

Тибқи назарияи ӯ гаравгонон ва ҷабрдидаҳо худро ҳам дар назди кормандони милитсия ва ҳам дар назди ҷинояткорон оҷиз ва бе ягон ҳимоя ҳис мекунанд, вале умед ба он доранд, ки нисбати онҳо аз ҷониби ҷинояткорон дилсӯзӣ карда мешавад ва халосии худро бо ҳамфикрӣ бо ҷинояткорон ба даст меоранд. Гаравгонон ва ҷабрдидаҳо ҷинояткоронро сафед мекунанду онҳоро дастгирӣ намуда, ҳатто бо онҳо ҳамроҳ шуда ба тарафи онҳо мегузаранд ва барои ба мақсад расидани онҳо кумак низ мекунанд. Аввалин бор ин ҳолат 23 августи соли 1973 дар Стокголми Швейтсария рух дода буд, ки баъд аз он нигоҳи олимони соҳаҳои гуногунро нисбати табиати инсонӣ дигаргун сохт. Аз ҳамон сол сар карда чунин ҳолатҳо дар ҳаёт зиёд ба чашм мерасад. Ба гуфтаи олимон "Синдроми Стокголмӣ" – ин инстинкти табиӣ дар ҳар як инсон мебошад. Аз нуқтаи назари мантиқӣ барои ба вуҷуд омадани "Синдроми Стокголмӣ" танҳо дуздӣ, гаравгон гирифтан, таҳдид ва ё дигар намуди кирдори ҷинояткорона зарур нест. Чи хеле ки қайд намудем, ин инстинкт (ҳис) мебошад ва онро дар ҳаёти ҳаррӯзаамон низ дидан мумкин аст. Масалан, муносибати моҷародор миёни волидайн ва фарзанд. Дар натиҷа, агар ягон нафар волидайнро, ки бо фарзандашон муносибати хуб надоранд, ҷазо доданӣ шавад, фарзанд аз рӯйи меҳре, ки ба волидайнаш дорад ба фоидаи онҳо сухан мегӯяд. Ҳарчан ки волидайн нисбати фарзанд муносибати ношоиста намуда бошад. Ҳолати дигар ҷанҷоли хонаводагӣ ва ё зери лату кӯб қарор додани зан аз ҷониби шавҳар шуда метавонад.







# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР

## ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ







Санаи 22 январи соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар мавзеи «Шаҳраки донишҷӯён» бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ биноӣ нави таълимии факултети иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд.

Давоми солҳои истиқлоли давлатӣ, маротибаи ҳаштум аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф оварда, дар чорабиниҳои муҳимми ин муассисаи олии таълимии мамлакат ширкат меварзанд ва дар ҳар як боздид барои бунёдкориҳои азим иқдоми нав амалӣ мегардад.

Маҳз бо талошҳои созандаи Пешвои миллат барои рушду такомули ин боргоҳи илм тадбирҳои арзишманд амалӣ шуд. Аз ҷумла, дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат барои 8 факултет биноӣ наву замонавӣ бунёд гардид. Имрӯзҳо дар ҳамаи иншооти ҷавобгӯи талабот устодони донишгоҳ ба таълиму тарбия машғул буда, ҷавонон – насли ояндасози Ватан ба омӯзишу соҳибкасб гаштан фаро гирифта шудаанд.

Биноӣ нави таълимии факултетҳои иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 5048 нафар пешбинӣ шудааст.

Иншооти мазкур аз ду қисми 7-ошёнагӣ иборат буда, дар он факултети молиявию иқтисодӣ, иқтисод ва идора, баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ ҷойгир мебошад.

Иншоот аз осорхона, 73 синфхонаи дарсӣ бо ғунҷоиши аз 14 то 50 ҷойи нишаст, 5 толори калони маҷлисӣ дорои 100 ҷойи нишаст, 4 кабинети лингофонӣ ҳар кадом дорои 16 ҷойи нишаст, 8 синфхонаи компютерӣ, озмоишгоҳи таълимии "1 С" барои омӯзиши нозукиҳои илми муҳосибӣ ва озмоишгоҳи инноватсионии технологияи муосири информатсионӣ иборат мебошад.

Дар осорхонаи Пешвои миллат дар Донишгоҳ нигораҳои аслӣ, аз қабили ҳуҷҷатҳои донишҷӯии Сарвари давлат, аксҳо ва ашёи хониш бахшида ба овони донишҷӯии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар як қисми дигари он маводҳо оид ба саҳми Пешвои миллат дар рушди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷамъоварӣ гардидааст, ки бисёр ҷолиб аст.

Дар ошёнаи якуми биноӣ факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси таъсиси марказҳои инноватсионӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои фаъолияти илмии омӯзгорон ва муҳаққиқон "Маркази инноватсионӣ" таъсис дода шудааст.

**Мавриди зикр аст, ки Маркази инноватсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аввалин марказ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аҳамияту афзалияти таъсиси он татбиқи самаранок, сифатнок ва камхарҷ таҷриба кардани маҳсули илмӣ, таъмини шароити зарурии корӣ барои ҳайати омӯзгорон, муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯён мебошад.**

Ҳамзамон дар таххонаи иншоот 2 китобхона бо 308 ҷойи нишаст ташкил карда шудааст, ки донишҷӯёну омӯзгорон метавонанд аз онҳо ба таври васеъ истифода намоянд.

Натиҷа ҳамин аст, ки имрӯзҳо донишҷӯёну омӯзгорон бо шукргузорӣ аз фазои орому осудаи Тоҷикистони соҳибистиқлол пас аз машғулиятҳои дарсӣ дар мавзеҳои сарсабз сайругашт карда, ифтихор аз Ватани ободу зебо менамоянд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази бузурги таълимию илмӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду такомули соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос мақому манзалати хоса дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи иншоотро туҳфаи навбатии Ҳукумати мамлакат дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда, аз устодон ва кормандони соҳаи илму маориф талаб намуданд, ки дар самти тарбия намудани ҷавонони худогоҳу худшинос ва мутахассисони варзидаи талаботи бозори меҳнат таваҷҷуҳи бештар мароқ зоҳир карда, дар пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳифзи арзишҳои миллӣ саҳмгузор бошанд.

Зимни шиносоӣ бо шароити таълим дар биноӣ нави факултаи иқтисодию молиявии донишгоҳ Сарвари давлат ба

Даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок дар 1 сол ду маротиба аз 1 апрел то 31 май ва аз 1 октябр то 30 ноябр анҷом дода мешавад.
Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753





# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

масъулини вазорати маориф ва илм ва роҳбарияти донишгоҳи миллӣ дастур доданд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ-русию англисӣ аз курси 1 то 5, яъне дар тамоми ҷараёни донишомӯзӣ ба роҳ монда шавад. Супоришҳо инчунин оид ба масъалаи ташкили шароити хуби иҷтимоӣ, аз қабили бунёди қаҳвахонаву ошхона ва ҷойи дастурӯшуӣ дар ҳар як бинои таълимӣ, таъмини ободии атофи биноҳо, корҳои ободонӣ ва сабзу хуррамгардонии саҳни донишгоҳ дода шуд.

Тавре маълум гардид, дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз 25 ҳазор нафар донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 20 нафар ба даври ниҳоӣ роҳхат ёфта, 4 нафар ғолиб омадааст. Президенти мамлакат таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳро ба масъалаи ҷалби фаъоли донишҷӯён ба озмунҳо ва дигар тадбирҳои илмию фарҳангӣ ва корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карданд.

Баъди ифтитоҳи бинои нави факултаи иқтисодию молиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳамин ҷо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҳолати имрӯзаи ҳудуди шаҳраки донишҷӯён ва нақшаҳои ояндаи бунёди дигар иншооти зарурӣ, аз қабили биноҳои нави таълимии факултаҳои донишгоҳ, хобгоҳҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, толорҳои варзишӣ ва дигар иншооти ёрирасон маълумот дода шуд.

Дар оянда бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои насли ояндасоз бо бунёди иншооти наву замонавии биноҳои таълимӣ шароити муосири таҳсил фароҳам оварда мешавад.

## ИФТИТОҲИ БИНОИ 12-ОШЁНАИ ХОБГОҲ

Дар ҳамин сана инчунин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои хобгоҳи рақами 8-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор дода, бо шароити дар он фароҳамгардида шинос шуданд.

Иншоот дар доираи сохтмони навбати 2-юми бинои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бунёд гардида, аз таххона, 12 ошёна ва 207 ҳуҷраи хоб барои донишҷӯён иборат буда, дар маҷмӯъ барои бештар аз ҳазор нафар донишҷӯ пешбинӣ гардидааст.

Ҳуҷраҳои хобгоҳ бо тамоми лавозимоти зарурӣ таъмин карда шуда, дар бино барои донишҷӯён шароити муосири истиқомат фароҳам гардидааст.

Хобгоҳ ҳамзамон аз ошхона, ҳуҷраҳои маъмурият, нуқтаи тиббӣ ва дигар утоқҳои ёрирасон иборат мебошад.

Ёдовар мешавем, ки корҳои сохтмонӣ дар бинои хобгоҳи рақами 8-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6 марти соли 2015 бо иштироки бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардида буд.

Дар бинои нави хобгоҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Сарвари давлат барои донишҷӯён синфхонаи компютерӣ, толорҳои дарстайёркунӣ, ҷойи истироҳат, хонаҳои либосивазкунӣ ва нуқтаи хӯроктайёркунӣ таъсис дода шудааст.

Дар маҷмӯъ, ҳар як ошёнаи хобгоҳ дорои толор барои дарстайёркунӣ ва ошхона, ҳаммом ва дигар утоқҳои зарурӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки донишҷӯён баробари омӯзиши илмҳои муосир бо истифода аз шароити фароҳамгардида ҳамзамон метавонанд касбҳои гуногунро дар хобгоҳҳои донишгоҳ аз худ намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо шароити мусоиди фароҳамгардида барои донишҷӯён дар шафати хобгоҳи нави Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои оғози корҳои сохтмони боз ду бинои нави хобгоҳ, қисмҳои "Б" ва "В" асос гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулон ҷиҳати истифодаи пурра аз шароити фароҳамгардида ва ба роҳ мондани курсҳои забономӯзию касбу ҳунарҳои муосир барои донишҷӯён дар хобгоҳҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат буда, дар солҳои Истиқлоли давлатӣ барои беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти донишҷӯён дар он дар асоси ҳидоятҳои ҳамешагии Президенти мамлакат шароити муосири илмомӯзӣ фароҳам оварда шудааст.







# О НОВЫХ ТЕРМИНАХ В ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКЕ

**Уже со времен Древнего Рима существовали конкретные термины, определяющие правовой статус субъекта. К примеру: квириты – свободное население Древнего Рима, патриции – социальная группа населения, включающая богатые аристократические семьи, плеби – социальная группа, свободная, но ограниченная в своих правах, включающаяся обедневших общинников, пришельцев и отпущенных на свободу рабов, интеррекс - правитель, заступавший место царя по его смерти до выбора нового. Это место занимали сенаторы в порядке, определенном по жребию, сенат - высший государственный орган в Риме, совещательный орган и т.п.**

Однако с каждым годом запас терминов в юридической науке все больше пополняются новыми словами. Тот же словарь Даля включает в себя более 200000 слов и это не последний словарь с юридическими терминами. Так в чем причина появления новых терминов? Прежде всего, важную роль в пополнении юридической терминологии играет юридическая лексика (словарный состав современного языка, которым пользуется законодатель в своей деятельности). Другой причиной являются ученые или же специалисты, применившие тот или иной термин в своей научной работе, тем самым становясь первым человеком, применившим новый термин.

Ниже будут предоставлены несколько новых терминов (под новыми терминами автор подразумевает слова, появившиеся с 2010 по 2021 года) для ознакомления:

**Виртуализация общества** – представляет собой отображение системы общества в информационном (виртуальном) пространстве;

**Басорама** – рекламная панель с подсветкой, устанавливаемая на крыше транспортных средств (автобусы, такси);

**Биллборд** – рекламная конструкция, щитовая реклама, разновидность наружной рекламы;

**Демпинг** – продажа товаров на иностранном рынке по пониженным ценам для вытеснения конкурентов;

**Менсплейнинг** – термин, обозначающий снисходительную манеру разговора, используя которую мужчина объясняет что-то женщине с помощью упрощённых формулировок, делая скидку на её пол;

**Эйджизм** – это создание стереотипов и дискриминация отдельных людей или групп людей по возрастному признаку;

**Горгонофобия** – страх терроризма;

**Моббинг** – форма психологического насилия в виде травли сотрудника в коллективе.

Необходимо отметить, что появление новых терминов порождают новые проблемы: во-первых, возникают проблемы с переводом этих терминов на другие языки; во-вторых, толкование терминов происходит по-разному. К примеру, такие новые термины как: конституционная иллюзия, конституционная мифология до сих не имеют четкого определения; в-третьих, компьютерные программы (Word) не признают эти термины и выделяют их как слова, имеющие грамматические ошибки; в-четвертых, проблема обыденного толкования права неспециалистом.

В связи с расширением правового регулирования, возникновением новых отраслей, совершенствованием практики и науки количество терминов растет. Специалисты любой специальности должны проявлять внимание к терминоведению, к упорядочению, ясности терминов, но в совершенно особом положении находится юриспруденция. Это связано с тем, что и создатель законов – законодатель, и их «потребитель» – люди, не имеющие юридического образования, не владеющие терминологическим языком. Между тем право представляет собой слишком серьезную сферу общественного сознания, чтобы доверить ее лишь профессионалам. Это позволяет судить о праве специалистам, находящимся вне собственно юридической профессии – политику, социологу, журналисту, экономисту, философу, лингвисту и т.д.

**Язык юриспруденции – это не только построение фраз, но и структурирование текста по общим положениям (логика и т.д.) и особым требованиям (приговор, заключение и т.д.).**

Вместе с тем нельзя не отметить, что возникающие термины не всегда отвечают необходимым требованиям. Эти требования были сформулированы еще в 30-х гг. прошлого века основоположником советского терминоведения Д.С. Лотте. Деятельность этого исследователя в первую очередь была связана с упорядочением и стандартизацией русской научной и технической терминологии. Он внес существенный вклад в теорию термина и в практику работ по их стандартизации. Д.С. Лотте выдвинул и обосновал следующие применяемые к термину требования: краткость и точность; однозначность; мотивированность; простота; согласование с другими имеющимися в терминосистеме терминами, т.е. системность; предпочтение уже внедренных и русских терминов новым и иностранным.



**Умед МУРОДЗОДА**
**ассистент кафедры конституционного права**

Таким образом, к юридической терминологии должны предъявляться следующие требования:

1) однозначность: термины должны однозначно применяться в одном и том же нормативно-правовом акте;

2)общепризнанность: термины должны употребляться в обиходе;

3)устойчивость: термины должны сохранять свой особый смысл в каждом новом правовом акте.

# БЕДАРАК ҒОИБШУДА ВА ФАВТИДА ЭЪЛОН НАМУДАНИ ШАҲРВАНД



**Мақсудҷон ГУЛОВ**
**магистри соли 1**

Ҳуқуқи гражданӣ нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзимгари муносибатҳои зиёди ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дорои падидаҳое мебошад, ки оқибатҳои гуногунро барои иштирокчиёни он ба бор меорад. Яке аз чунин падидаҳо бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Фавтида эълон намудани шаҳрванд ин марги ҳуқуқии шахс буда, бо оқибатҳои ҳуқуқии худ ба марги воқеӣ баробар карда шудааст. Дар асоси қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд бақайдгирии вафоти шахс анҷом дода шуда, аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ шаҳодатномаи вафот дода мешавад. Фавтида эълон намудани шаҳрванд танҳо эҳтимолияти марги ӯро дар назар дорад. Агар шаҳрванд дар қайди ҳаёт бошад, бо вуҷуди қувваи қонунӣ гирифтани қарори суд, на қобилияти ҳуқуқдорӣ ва на қобилияти амалкунии ӯ қатъ намегардад.

Мушкилӣ низ дар ҳамин ифода меёбад. Дар он ҳоле ки шахс зинда аст ва дар ҷои будубоши худ субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқӣ дониста шуда, аммо ба андешаи хешовандон, наздикону пайвандони худ вафотёфта маҳсуб меёбад. Яъне вазъи ҳуқуқии шаҳрванд дар ғоибии ӯ тағйир дода мешавад. Молу мулки ӯро бидуни розигиаш соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ мекунанд. Бинобар ин, лозим меояд, ки дар баррасии парвандаҳо оид ба фавтида эълон кардани шаҳрванд диққатро дучанд намудан зарур аст. Далелҳои пешниҳодшударо амиқ таҳқиқ намуда, танҳо ба далелҳои қатъӣ ва раднопазир истинод оварда, қарори асоснок ва дуруст қабул намоянд.

**Чунин сабабҳои бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шаҳрвандро номбар кардан мумкин аст: – вазъи ҷинояткорӣ дар ҷомеа; амалиёти ҷангӣ; офати табиӣ; амалҳои террористӣ; муҳоҷирати аҳолӣ.**

Суд метавонад бо дархости шахси манфиатдор шаҳрвандро бедарак ғоибшуда эътироф намояд, агар дар тӯли як сол дар ҷои истиқоматаш дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад. Бедарак ғоибшуда эътироф кардани шаҳрванд аз эҳтимолияти зинда будани ӯ бармеояд ва оқибатҳое, ки минбаъд ба вуҷуд меоянд, маҳз бо ҳамин вобаста мебошанд. Дар ин марҳила ҳуқуқҳои шаҳрванд қатъ нагардида, балки мавриди ҳифз қарор дода мешаванд. Масалан, ҳуқуқи молумулкии шаҳрванди бедарак ғоибшуда қатъ намегардад, балки молу мулки ӯ ҳангоми зарурати муҳофизати он дар асоси қарори суд ба идораи ваколатии шахсе супурда мешавад, ки аз ҷониби мақоми васояту парасторӣ муайян гардида, дар асоси шартномаи бо ин мақом басташуда дар бораи идораи ваколатӣ амал мекунад. Инчунин аз ҳисоби молу мулки шахси мазкур кредиторони ӯ ҳисобӣ карда мешаванд. Шахсоне, ки дар таъминоти ӯ қарор доштанд, ҳуқуқ ба таъминот пайдо мекунанд. Вобаста ба фавтида эълон намудани шаҳрванд бошад моддаи 46 Кодекси граждании ҶТ тартиботи зеринро муайян менамояд: суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷангӣ фавтида эълон карда метавонад.

Ҳамин тавр, бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар ҳуқуқи гражданӣ як қатор оқибатҳои ҳуқуқиро ба бор меорад. Мақсади асосии падидаи мазкур ин ҳифзи ҳуқуқи ҳам шаҳрванди бедарак ғоибшуда ва ворисони ҳуқуқии шахси фавтида ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар сурати татбиқи дурусти қонун имконияти таъмини ҳуқуқу манфиатҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқи граданӣ ба вуҷуд меояд.

**Дар ҷаҳони имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҳар як сокини сайёра таҳдиди зиёд оварда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Ҷараёнҳои экстремистӣ дар амалӣ намудани ғояҳои худ асосан ба наврасону ҷавонон такя мекунад.**

# ХИЁНАТ НОБАХШИДАНИСТ!

Яке аз роҳҳои тарғиби андешаҳои ифротӣ ва террористӣ истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёданд нафарони нохалаф, ки ба Ватан-Модари худ ва халқи Тоҷикистони азизу сулҳпарвари он хиёнатро раво медонанд ва аз аслу насаби хеш бехабаранд. Ин хиёнаткорони ватан имрӯз аз дини Ислом сӯистифода карда худро "исломдӯст", "адолатхоҳ", "пуштибони дини мубини Ислом" дониста, ақидаи зидди давлату миллатро тарғиб дорад. Агар афроди мазкур аз дину мазҳаб хабар медоштанд, ҳеҷ гоҳ хиёнат ба Ватанро содир намекарданд, зеро дар Ислом хиёнат ба Ватанро заифии имон мешуморад.

Халқи тоҷик худ гувоҳ аст, ки рӯз ба рӯз ҳадафҳои стратегии давлатамон тадриҷан амалӣ гашта, ободиву созандагиҳое, ки Тоҷикистони биҳиштосои мо соҳиб гардида истодааст ба мардуми шарифи Тоҷикистон айён аст.



**Анварҷон ОЛИМОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Мо халқи Тоҷикистон, хусусан ҷавонон бояд зиракии сиёсиро аз даст надода, ҳамеша дар ҳама вақт дар ҳифзи давлату ҳукумати худ бошем, нагузорем, ки ин афроди разил ба ниятҳои нопоки худ расанд. Халқи тоҷик ҳукумати худро дорад, ки дар ҳамаи рӯзҳои сахтӣ мардумашро дастгирӣ менамояд, маҳз бо хизматҳои шоиставу каҳрамонона ва сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат халқи тоҷик зиндагии осоишта дорад ва моро зарур аст шукронаи ин Ватан ва шукронаи ҳаёти осоишта намоем.

## НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР РИОЯИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО



Гулчехра САЛИМОВА
омӯзгор

**Ҷомеаи инсонӣ рушд менамояд, муносибатҳо тағйир меёбанд, хароҷоти инсон дар ҳаёт бештар мегардад, аз ин рӯ, зарурат пеш меояд то ҳар фарди ҷомеа сариштакор бошад ваояндаи ҳаёти худро дурбинона тарҳрезӣ намояд.**

Кишвар вақте пешрафта мешавад, ки аз ҷиҳати иҷтимоиву иқтисодӣ тавоно ва посдорандаи фарҳанги миллӣ ва дорои кадрҳои босаводу зеҳнияти баланд бошад ва дар ин ҷода, нақши зиёиён, устодони муассисаҳо ва донишкадаву донишгоҳҳои кишвар басо назаррас аст. Ҳар як падару модар мехоҳад, ки фарзандашон бодобу дониши хуб дошта бошанд ва мавқеи худро дар зиндагӣ муайян карда тавонанд. Мусаллам аст, ки барои хуб таҳсил кардан муҳит ва шароити хуб зарур аст, ки он на танҳо вазифаи давлат, қабл аз ҳама волидайни толибилм низ мебошад.

Мутаасифона, хонаводаҳое ҳастанд, ки беш аз ҳама ба намоишкорӣ машғул буда, тамоми ҳастии молиявии худро барои "обрӯ"-и яклаҳзаинаи худ сарф мекунанд ва моху солҳо бо пардохти қарз андармон мешаванд.

Ҳар як толибилм вақти бештари худро дар оила ва мактабу муассисае, ки таҳсил мекунад мегузаронад. Ӯ бо ҷашми сар мебинад, ки калонсолон чӣ рафтор мекунанд, оё рафтору гуфтори онҳо ба ҳам рост меоянд?

Мо калонсолон ҳамеша фарзандонро насиҳат мекунем, ки лавозимоти мактабиро бо эҳтиёт истифода баранд ва ҳатто баъзан маблағе, ки барои таҳсил сарф мешавад, хотиррасон мекунем. Пас фарзанд ҳам аз он хароҷоте, ки барои баргузор намудани маърака сарф мешавад, дида ба хайрат меояд ва пеши худ суол мекунад, ки оё ин ҳама харҷҳо бахри чист ва чаро калонсолон ин тавр рафтор мекунанд?

**Оила ва мактаб дар таълиму тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозанд. Оилаи солим фарзанди солим ва ояндадорро тарбия мекунад.**

Пас, қабл аз ҳама оила бояд дар овони кӯдакӣ барои ташаккули шахсияти ӯ кӯшиш ба харҷ диҳад ва барои фарзандон муҳити созгор ва барои таҳсил шароити муносиб ташкил кунад.

Бахри ташкили шароити зарурӣ, таҳсили фарзанд мо волидайн бояд қабл аз ҳама харҷҳои бехудае, ки ба баргузор намудани маъракаҳои серхарҷ сарф мекунем, даст кашем.

Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ" таҳия ва аз 08 июни соли 2007 ба имзо расид. Мардум ин қонунро ҳамчун қонуни миллӣ дониставу пазируфтаанд. Бехуда нест, ки дар моддаи 1 он, ки мақсад, вазифа ва доираи амали қонуни мазкур ном дорад, чунин суханҳо зикр шудаанд: "Мақсади қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст...".

Яъне мақсади қонун ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардум, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ мебошад. Маҳз мактабу муассисаҳо баробари дигар қишрҳои аҳолӣ барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳое, ки дар боло зикр кардам, масъул мебошанд. Мо омӯзгорон бояд волидайн, хонандагон ва наздикон фаҳмонем, ки исрофкорӣ хосси мардуми мо нест ва фарҳанги миллӣ ва суннатҳои мардуми мо исрофкориро намепазирад.

## ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ



Барои устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷои ифтихор ва шарафмандист, ки солҳои охир дар факултет сафи устодони унвондор меафзоянд. Устодони факултет бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии факултетро пурғановат менамоянд. Аз ҷумла, санаи 5-уми феврали соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Марифхонов Расулҷон Нурматович рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Ҳуқуқи мурофиаи маъмурии ҶТ: проблемаҳои консептуалии инкишофи муосир» аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандон ин даргоҳ Марифхонов Р.Н.-ро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона ва бурдбориҳои беназирро дар соҳаи илм таманно менамоянд.



## ИНКИШОФИ ҲУҚУҚИ КӮДАК



Маҳмашариф САФАРОВ
донишҷӯи соли 1

Яке аз қишрҳои ҷомеаи имрӯзаро кӯдакон ташкил медиҳанд, ки ҳамеша ба ҳимоя эҳтиёҷманд мебошанд. Бо таъсис ёфтани Лигаи миллатҳо аввалин қадам дар сохтору фаъолияти он ба самти ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон нигаронида шуда буд. Бинобар ин, аз ҷониби созмони мазкур соли 1924 Эъломияи Женевагии ҳуқуқи кӯдак қабул гардид. Сабаби қабули ин санад ифодаи худро дар он меёфт, ки маҳз дар ин давра кӯдакон ба истисмори барзиёд гирифтор буданд. Аз ҷумла, савдои кӯдакон, истифодаи кӯдакон дар саноат, корҳои шабона ва вазнин, ҷалби ноболиғон ба амалҳои нанговар ва ғ. Аммо бо аз байн рафтани Лигаи миллатҳо ин масъала боз нобаанҷом боқӣ монд.

Марҳилаи дигари рушди ҳуқуқҳои кӯдак ба таъсис ёфтани СММ алоқаи амиқ дорад. Чунки бо ташкил ёфтани ин созмони бонуфуз аввалин ниҳоди сохтории он Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) соли 1946 бунёд гардид, ки тамоми самти фаъолияташ ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон равона гардидааст.

Минбаъ, соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон қабул гардид, ки дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак меъёрҳои зиёдро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла дар моддаи 25 муқаррар гардидааст, ки: «модарону кӯдакон ба васоят ва кумаки махсус ҳақ доранд». Ҳамин тарик, бо эътирофи ҳуқуқи баробари кӯдакон ба ҳамаи озодиҳо, ки дар эъломия пешбинӣ гардидааст, ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурияти кӯмак ва дастгирии иловагӣ ба кӯдакро эътироф кард.

Қадами муҳими минбаъда аз тарафи СММ соли 1959 қабули Эъломияи ҳуқуқи кӯдак гардид, ки дар он ғояҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ба ҳимоя ва некӯаҳволии кӯдак дахлдошта эълон гардидаанд. Дар он қайд шудааст, ки «кӯдак бинобар ноболиғии ҷисмонӣ ва ақлӣ ба ҳимоя ва нигоҳубини иҷтимоии махсус, аз ҷумла ба ҳимояи ҳуқуқии дахлдор чи то ва чӣ баъди таваллуд ниёз дорад». Ин маънои онро дорад, ки кӯдак дар ҳама маврид ба ҳимояи махсус эҳтиёҷ дорад ва бояд ҳамеша мавриди ҳифзи давлат ва ҷомеа қарор гирад.

Инчунин ҳуқуқҳои кӯдак дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Эъломия дар бораи ҳимояи зан ва кӯдак дар ҳолатҳои фавқулода ва дар давраи мунокишаҳои мусаллаҳона ва дигар санадҳои байналмилалӣ муқаррар ва кафолат дода шудаанд.

Яке аз санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак мебошад, ки 20-уми ноябри соли 1989 аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст.

Санади мазкур аз он ҷиҳат қимматнок аст, ки дар он тамоми ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ба таври васеъ ва мушаххас пешбинӣ гардида, давлатҳоро дар самти таъмини ҳуқуқҳои кӯдак ӯҳдадор менамояд. Аз таҳлили Конвенсияи мазкур бармеояд, ки ҳуқуқи кӯдак ин ҳуқуқу озодиҳоест, ки бояд ҳар як кӯдак (ҳар шахси то 18-сола кӯдак ҳисоб меёбад) новобаста аз ҳаргуна тавофути нажодӣ, ҷинс, забонӣ, динӣ ва ҷойи таваллуд, баромади миллӣ ва иҷтимоӣ, ҳолати молумулкӣ, табақавӣ ё дигар ҳолат аз он бархурдор бошад.

Барои ташаккули бомуваффақи шахсияти кӯдак ӯ бояд дар муҳити меҳру муҳаббат, дар оила миёни ашхоси наздик ва меҳрубон ба воя расад. Вазифаи калонсолон-кумак ба кӯдак дар омодагӣ ба ҳаёти мустақил, аъзои комилҳуқуқи ҷомеа гардидан, барои ташаккули муқаррарии ҷисмонӣ ва ақлонии кӯдак шароити мусоидат ташкил кардан аст.

## 9 ҚОИДАИ МУАЛЛИМӢ АЗ ЭЙНШТЕЙН

Алберт Эйнштейн мегӯяд, ки ман 20 сол муаллимӣ кардам, аммо:

1. Ҳеҷ гоҳ дафтари ҳозиру ғоиб надоштам, чун синф бояд он қадар ҷаззоб бошад, ки бидуни дафтари ҳозиру ғоиб шогирдат ба дарс биёяд;

2.Ҳеҷ гоҳ саъй накардам синфамро ғамгин ва афсурда нигаҳ дорам, чун синф хонаи дувуми шогирд аст;

3.Ҳар шогирде, ки дер омад, дар синф роҳаш додам. Чун медонистам, ки агар 10 дақиқа ҳам ба синф биёяд, эҳсоси масъулият кардааст.

4. Ҳеҷ гоҳ беш аз ду бор ҳарфҳоямро такрор накардам, чун он қадар ҷаззоб дарс мегуфтам, ки ҳеҷ кас нагуфт бори савум такрор кун;

5. Ҳеҷ гоҳ 90 дақиқа дарс надодам, чун медонистам зарфияти шогирди мутавассит, камҳуш ва боҳуш бо ҳам фарқ дорад;

6. Ҳеҷ гоҳ шогирдеро ҷаримаи нақдӣ накардам, чун медонистам бачаи мустазъаф (заиф, нотавон) бошад ё ятим;

7. Ҳеҷ гоҳ шогирдеро дар дафтар (идора, кабинет) мунтазир накардам, чун медонистам дар дафтар истодан шикасти ғурури шогирд аст...

8. Ҳеҷ гоҳ танбеҳи инфиродӣ накардам, балки гурӯҳӣ танбеҳ кардам, чун медонистам танбеҳи гурӯҳӣ ҷанбаи саршармӣ дорад, вале танбеҳи инфиродӣ ғурурро мешиканад...

9. Ҳамеша ва доим шогирдро наздикӣ то бо тахта ва рӯи синф омаданро омӯзондам ва аз онҳо ҳамеша саволҳоеро мекардам, ки мутмаин будам ҷавобашро медонанд, чун медонистам куҷояшро намедонанд, намепурсидам.

**ТАЪЗИЯНОМА**

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба устоди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Имомов Хумоюн нисбат ба вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

**Мухлати хизмати ҳарбии ҳатмӣ барои шахсони дорои таҳсилоти олии касбӣ – 12 моҳ мебошад.**
**Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753**

# ЛОИҲАИ «БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2021-2025)»

## ФАСЛИ I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории донишгоҳ аз бонуфузтарин ва маъруфтарин марказҳои омода кардани мутахассисони варзида ва кадрҳои лаёқатманди илму амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми пешоҳанг ва арзандаро соҳиб аст.

Ин боргоҳи муқаддаси илму маърифат ва кохи муҳташами нур аз замони таъсис то кунун роҳи басо пуршараф ва боифтихореро тай намуда, ҳамакнун ба як макони илму дониш ва маркази бонуфузи таълимӣ ва илмию таҳқиқотии кишвар табдил ёфтааст. Хизматҳои профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи ҳуқуқшинос, дар анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ ва арзишманд, иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии Ватани маҳбубамон беназиранд. Ҳазорон ҷавонони бонангу номус ва дорои ҳисси баланди меҳанпарастӣ факултети азизамонро сарбаландона хатм намуда, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ содиқонаву софдилона заҳмат кашидаанд ва имрӯзҳо низ сарбаландона кору фаъолият мекунанд. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ марҳилаи сифатан нави рушдро тай намуда, дар тамоми самтҳои афзалиятноки ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет дигаргуниҳои бузургеро пушти сар намуд. Устодону кормандони масъулиятшиноси ин боргоҳи илму хирад дар заминаи татбиқи сиёсати хирадмандона, бобарор ва ҳадафмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет ба дастовардҳои беназир комёб шудаанд. Имрӯзҳо бо ифтихор метавон саҳми бузурги дастпарварони ин махзани илму маърифатро дар соҳаҳои таъмини қонуният, волоияти қонун, адолати иҷтимоӣ, таҳияи лоиҳаи Конститутсия, омода кардани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба он, қабули қонунҳои ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули барномаву консепсияҳои давлатӣ ва баланд бардоштани эътимоду боварии мардуми кишвар ба сиёсати давлатӣ хотирнишон намуд.

**Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ 172 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 23 нафар доктори илми ҳуқуқ, профессор; 2 нафар Академики АИ ҶТ; 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ; 68 нафар номзади илм (аз онҳо 3 нафар профессор, 59 номзади илми ҳуқуқшиносӣ, 3 нафар номзади илмҳои филологӣ, 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ), 12 нафар муаллими калон ва 69 нафарро ассистент ташкил медиҳад. Шумораи умумии занон дар факултет 25 нафарро ташкил дода аз ин шумора 12 нафар унвони илмӣ дорад.**

Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ворид шудани Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фазои байналмилалӣ ва таъмини талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат давоми солҳои истиқлоли давлатӣ дар сохтори факултет якчанд ихтисосҳо оид ба омода намудани ҳуқуқшиносони байналмилалӣ, ҳуқуқшиносони бахши молия ва қарз, ҳуқуқшиносони низоми муассисаҳои иҷрои ҷазо, ҳуқуқшиносони соҳаи идораи давлатӣ, эксперт-криминалистҳо, ҳуқуқшиносон дар самти ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ таъсис дода шуданд. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ раванди таълим бо дарназардошти тамоми зинаҳои таҳсилот ба таври зайл ба роҳ монда шудааст:

**Бакалаврият:**

24010200 - ҳуқуқшиносӣ;
24010100 - ҳуқуқи байналмилалӣ;
93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
26010200 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
24010302 - танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
93010200 - экспертизаи судӣ;
24010217 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;
96010102- таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ.

**Магистратура:**

24010210 - ҳуқуқшиносӣ;
24010110 - ҳуқуқи байналхалқӣ;
93010110 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
26010210 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
2401030210 - танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
9301020010 - экспертизаи судӣ;
2401021810 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;
2401021310 - фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишӣ;
24010206 - ҳифзи ҳуқуқии табиат ва муҳити зист.

**Доктор PhD**

6D030100- ҳуқуқшиносӣ;
6D030200 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

**Таҳсилоти фосилавӣ:**

24010200 - ҳуқуқшиносӣ;
93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
26010200 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
24010233 - маълумоти дуюми олӣ.

**Мувофиқи маълумотҳои расмӣ то 01.01.2021 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо назардошти тамоми ихтисос ва шуъбаҳои амалкунанда дар маҷмӯъ 4410 нафар донишҷӯёну магистрон таҳсил менамоянд. Аз ин шумора 2936 нафар дар шуъбаи рӯзона, 1082 нафар дар шуъбаи ғоибона, 382 нафар дар зинаи магистратура ва 10 нафар дар риштаи доктор PhD таҳсил менамоянд.**

Дар сохтори факултет 10 кафедраи тахассусӣ ва 1 кафедраи забонҳои хориҷӣ амал мекунанд, ки масъулияти асосии пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявиро ба зимма доранд. Дар факултет кафедраҳои зерин фаъолият доранд:

**- кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; - кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ; - кафедраи ҳуқуқи гражданӣ; - кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ; - кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия; - кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат; - кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ; - кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ; - кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ; - кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ; - кафедраи забонҳои хориҷӣ.**

Муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет дар мақоми олии машваратӣ-идоракунии факултет Шӯрои олимон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, доир ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд. Иҷрои қарорҳои Шурои олимон барои тамоми кафедраҳои тахассусӣ ва дигар сохторҳои таркибии факултет ҳатмӣ мебошад. Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ҳамчун мақоми идоракунандаи факултет дар асоси Низомномаи Шӯрои олимони ДМТ, Нақшаи кории Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ ва фармоиши ректори донишгоҳ фаъолият менамояд. Ба ҳайати Шӯрои олимони факултет декан, муовинони декан, мудирони кафедраҳо, намояндагони дигар ниҳодҳои сохтории факултет шомил ҳастанд.

Садорати факултет фаъолияти кафедраҳои тахассусӣ ва дигар сохторҳои таркибии факултетро дар самти амалишавии вазифаҳо оид ба боло бурдани сатҳ ва сифати таълим ҳамоҳанг сохта, дар хусуси роҳандозӣ намудани тадбирҳои иловагӣ дар ин самт масъалагузорӣ менамояд. Дар ҷаласаҳои садорати факултет масъалаҳои ҷории ҳаёти таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, хоҷагидорӣ, ки ҳалли оҷилиро тақозо намуда, барои таъмини муназзами фаъолияти факултет мусоидат менамоянд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Шӯрои илмию методии факултет низ ҳамчун қисми таркибии сохтори факултет фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ, боло бардоштани масъулияти омӯзгорон ҷиҳати беҳдошти сифати таълим, бознигарӣ ва тасдиқи барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ, силлабусҳо, билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, саволномаҳои санҷишӣ, матни лексияҳо роҳандозӣ намуда, дар маҷмӯъ баҳри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас меандешад.

Яке аз зерсохторҳои ҷамъиятии факултети ҳуқуқшиносӣ Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон мебошад. Шӯрои мазкур фаъолияти худро дар асоси Низомномаи намунавии Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06.2016с., №9/41 тасдиқ карда шудааст ва Низомномаи Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ, ки соли 2015 тасдиқ шудааст ба роҳ мемонад. Бештари омӯзгорони факултет ҷавон буда, аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет мебошанд.

Факултети ҳуқуқшиносӣ дорои китобхонаи илмӣ мебошад. Китобхонаи илмии факултет бо тамоми адабиёти илмиву таълимии замонавӣ ва маҷаллаҳои илмиву рӯзномаҳои даврӣ таъмин буда аз 1 толори хониш бо 64 ҷойи нишаст, ҳуҷраи нигоҳдории китобҳо ва ҳуҷраи хизматрасонӣ иборат мебошад. Фонди китобҳои илмии китобхона то имрӯз ба 25000 адад мерасанд, ки бо дастгирии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҷамъоварӣ шуда, ҳамарӯза аз он зиёда аз 3000 донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода менамоянд.

Дар назди кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ маҳфилҳои илмии донишҷӯён фаъолияти пайваста доранд, ки роҳбарии ҳар яке аз онҳо аз ҷониби устодони факултет сурат мегирад. Дар назди кафедраҳои факултет 11-маҳфилҳои илмии донишҷуён фаъолият доранд, ки дар кори онҳо муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқии кишвар мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода мешаванд. Ҳамзамон бо ташаббуси донишҷӯёни фаъоли донандагони забони англисӣ маҳфили мубоҳисавии (“Dibate Club”) “Ворисони Куруш” дар ҳайати ҶИД таъсис дода шудааст, ки давоми чор сол боз инҷониб фаъолияти босамар дорад. Дар маҳфили мубоҳисавии “Ворисони Куруш”, ки тибқи нақшаи тасдиқгардида дар як моҳ 2-маротиба баргузор мегардад, ҷанбаҳои мухталифи мавзӯъҳои оммавӣ пурра бо забони англисӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода мешаванд

Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносӣ дар асоси Низомномаи бахши кор бо занон ва духтарони ДМТ аз 06.02.2009 ва нақшаи корӣ фаъолияти худро ба амал мебарорад. Фаъолияти Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносӣ ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии занону бонувон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносӣ, меҳанпарастӣ, боло бурдани завқи зебоипарастӣ нигаронида шудааст. Иштироки фаъолонаи бонувони факултет дар баргузории муҳимтарин ҷашнвора, чорабиниҳои ҳаёти фарҳангӣ ва сиёсии кишвар аз самтҳои дигари афзалиятноки фаъолияти Шурои занони факултет ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ яке аз самтҳои асосии бахши таълиму тарбияи факултет ба ҳисоб меравад. Падидаи мазкур барои таъмини алоқаи устувор ва ҳамкориҳои судманди фаъолияти садорати факултет бо гурӯҳҳои академӣ ва донишҷуён василаи самаранок ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар замири донишҷуён ҳисси баланди ватандустӣ ва риояи қоидаҳои донишҷуйӣ, эҳтиром ба устодон тарбия карда шавад. Ба ин хотир Шӯрои сарпарастон яке аз сохторҳои тарикбии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб рафта дар асоси нақшаи корӣ фаъолият менамояд.

Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ яке аз воҳидҳои таркибии сохтори факултет маҳсуб ёфта, бо мақсади андешидани тадбирҳои мақсаднок дар самти татбиқи сиёсати ягонаи давлатии ҷавонон миёни донишҷӯён ва инчунин таъмини ҳуқуқ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо равона гардидааст. Созмони ҷавонон фаъолияти худро тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, Консепсияи миллии ҷавонон, Барномаи миллии ҷавонон ва дастуру супоришҳои садорати факултет ба роҳ монда, баҳри риоя ва дар амал татбиқ намудани он тамоми чораҳои зарурииро меандашад. Созмони ҷавонон солҳост баҳри тарғибу ташвиқ намудани масъалаҳои муҳимми роҷеъ ба донишомӯзиву иштирок дар ҳаёти сиёсии факултет миёни донишҷӯён чорандешӣ менамояд.

Бюрои иттифоқи касабаи устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар асоси Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Оинномаи иттифоқи касабаи маориф ва илми ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фаъолият менамояд. Ҳама устодон ва кормандони факултет аъзои иттифоқи касаба мебошанд. Бюрои иттифоқи касабаи факултет аз 5 нафар аъзо иборат мебошад.

Иттифоқи касабаи донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун ниҳоди зертобеи бахши тарбияи факултет фаъолият менамояд. Фаъолияти ниҳоди мазкур дар қисмати муайян кардан ва барои расонидани кумакпулиҳо ба ятимону маъюбон равона гардидааст. Ҳама донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ аъзои иттифоқи касабаи донишҷӯён мебошанд.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ комиссияи бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо таъсис дода шудааст ва фаъолияти он мутташаккилона ҷараён дорад.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дорои маҷаллаҳои илмии «Ҳаёти ҳуқуқӣ», «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ва моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» буда, ҳамзамон дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет тавассути сомонаи худ (www.law.tnu.tj) аз ҳаёти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва фарҳангии факултет иттилоъ манзур месозад.

Бо дарназардошти саҳми муҳим доштани факултети ҳуқуқшиносӣ дар пешрафт ва таъмини гуногунрангии ҳаёти ҳуқуқии мамлакат, таҳкими пояҳои ҳуқукии эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, боло бурдани мақому манзалати он миёни марказҳои омода кардани кадрҳои ҳуқуқшинос ва ҷорӣ кардани усулҳои фаъолияти инноватсионӣ зарурияти таҳия, коркард ва қабули асосҳои бунёдии рушди устуоври факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷой дорад.

## II. ҲАДАФ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҲИЯИ БАРНОМА

Асосҳои бунёдии рушди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз Конститутсияи ҶТ, ки соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, сарчашма мегирад. Дар қонуни асосии кишвар муҳимтарин меъёрҳо аз қабили бунёди давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд, арзиши олӣ эъти-

с. 13-15

роф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, дурнамои инкишофи низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, институтҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам шудаанд.

Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар асоси Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф» (22.07.2013, №1004), «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (18.03.2015, №1197), «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (19.05.2009, №531), «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон боназардошти талаботи бозори меҳнат» (01.08.2012, №895), «Дар бораи масъулияи падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (02.08.2011, №762), инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ, Стратегия миллии рушди ҶТ барои солҳои 2030, Барномаи омода намудани кадрҳои илмӣ дар ҶТ, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Стратегияи рушди ДМТ, Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар ҶТ, Низомномаи қабули санҷишу имтиҳонҳо дар ДМТ дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст.

Ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ, ба пайдо шудани низоми нави ҳуқуқии пасошӯравӣ, соҳа ва институтҳои нави ҳуқуқ, тағйирёбии соҳаҳои ҳуқуқи анъанавӣ, ташаккули низоми қонунгузории муосир, ки ба ислоҳоти асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфтаанд, мусоидат намуд. Ҳамзамон омилҳои мазкур боиси ба вуҷуд омадани самтҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ ва фанҳои нави таълимӣ гардиданд.

Дар ҳоли ҳозир талабот дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва рақобатпазири бозори меҳнат, дорои донишҳои баланди назариявӣ, малакаи касбӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва дар руҳияи ғояҳои адолат, накукорӣ, ростӣ тарбияёфта беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардад.

Масъалаи боло бурдани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, омода намудани муттахассисони болаёқат ва рақобатпазири бозори меҳнат, боло бурдани сатҳи саводнокии донишҷӯёну магистрон, тарбияи донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи меҳанпарастӣ ва арҷгузории арзишҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксар вохуриҳову баромадҳои хеш зимни мулоқот бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар хусуси тарбияи кадрҳои миллии баландихтисос ва ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ масъалагузорӣ намуда, ба масъулин ҷиҳати иҷрои ин вазифаҳо дастур ва супоришҳои мушаххас медиҳад. Аз ҷумла, рӯзи 17-уми августи соли 2020 Пешвои миллат дар суханронии худ дар Рӯзи дониш чунин таъкид намуда буданд: "... Ҳоло дар баробари ин масъала, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад".

Аз ин рӯ, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дарназардошти омилҳои дар боло зикршуда таҳия ва қабули Барномаи рушди факултет ҷиҳати ба миён овардани таҳаввулотҳои ҷиддӣ дар ҳаёти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ барои солҳои 2021-2025 ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ ҳуҷҷати барномавии илман асосноке ба ҳисоб меравад, ки дар худ нақшаи дурнамо, мақсад, самтҳои афзалиятноки инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ, омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани усулҳои фаъол ва инноватсионӣ, технологияи иттилоотию иртиботии муосир дар раванди таълим ва тарбияро фаро мегирад.

**Ҳадафҳои асосии барнома инҳоянд:**

- андешидани тадбирҳои муассир ва амалисозии чорабиниҳои мақсаднок ҷиҳати нигоҳ доштани нуфузу эътибори факултети ҳуқуқшиносӣ дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисос ва маркази омодасозии кадрҳои илмӣ, маркази хизматрасониҳои илмӣ ва таълимӣ;

- андешидани тадбирҳои мушаххас баҳри таъмини бозори дохилии меҳнат бо кадрҳои болаёқат, донишманд ва рақобатпазир;

- таъмини иштироки фаъолонаи устодони факултет дар самти таҳия ва муҳокимаи муҳимтарин барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳои давлатӣ, лоиҳаҳои қонуну кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

- мусоидат намудан ба тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманди корӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла бо мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои давлатии ҳуқуқмуҳофизавӣ ва дигар ниҳоду сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- боло бурдани нақши кафедраҳои амалкунандаи факултет дар самти истифодаи усулҳои нави фаъол ва инноватсионӣ дар раванди таълим, боло бурдани сатҳу сифати донишандӯзии донишҷӯёну магистрон;

- дар асоси дастовардҳои навтарини илм, техника, технология ва фарҳанг такмил додани дониши омӯзгорон;

- анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ дар иртибот ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- истифодаи самараноки натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим ва истеҳсолот;

- мусоидат ба масъалаи ба роҳ мондани бозомӯзӣ ва такмили тахассуси устодони факултет дар марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии ватанӣ ва хориҷӣ;

- тарбияи донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, қадр намудани шаъну шарафи шаҳрвандӣ;

- ба роҳ мондани таҳқиқотҳои самараноки илмӣ дар самти ҳифз ва пос доштани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- вусъат додани корҳои тарбиявӣ;

- қонеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯёну магистрону магистрҳо;

- баланд бардоштани сатҳи гузаштани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ;

- фаъолгардонии саҳми устодони ҷавон дар ҷараёни таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои дарёфти грантҳо, бурсияҳо ва дигар сарчашмаҳои иловагии молиявӣ ҷиҳати омода кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ, муҷаҳҳаз гардонидани раванди таълим бо технологияи иттилоотию иртиботӣ;

- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии устодон, донишҷӯёну магистрон, магистрҳо, унвонҷӯён ва докторантҳо;

- ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок;

- таъмини робитаи устувор бо таълимгирандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда).

Мақсади асосии таҳия ва қабули Барномаро таъмин намудани таҳсилоти ҳуқуқии замонавии мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва талаботҳои рушди Тоҷикистон - ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узви комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, ташкил менамояд. Ҳамзамон таъсис намудани низоми устувори рушди инноватсионии факултети ҳуқуқшиносӣ баҳри амалӣ намудани имконияти илмӣ-таълимии факултет дар самти таъмини мутахассисон ва кадрҳои илмӣ дар Тоҷикистон дар назар дошта мешавад.

Баҳри амалӣ гардидани ин мақсадҳо иҷро намудани вазифаҳои зерин ногузир аст:

- нигоҳ доштани нуфуз ва мавқеи факултет ба ҳайси маркази асосӣ ва пешоҳанги омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ дар Тоҷикистон;

- ба вуҷуд овардани низоми самарабахши кор дар бахши таълим ва тарбияи донишҷӯёну магистрон;

- таҳким бахшидани неруи ақлонии факултет дар коркарди масоилҳои афзалиятнок ва муҳими илмӣ, ки аз тарафи Шӯрои олимон ва Раёсати донишгоҳ муайян карда мешавад;

- татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии анҷомдода дар ҷараёни таълим;

- коркарди механизми истифодаи таклифу пешниҳодҳои илми ҳуқуқшиносӣ дар самти рушди ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва ҳуқуқии кишвар;

- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- коркарди баромадани низоми шаффоф ва натиҷабахши баҳогузории меҳнати ҳайати устодону кормандони факултет бо мақсади беҳтар намудани музди маош ва таъмини кафолатҳои иҷтимоии онҳо;

- такмил бахшидан ба базаи моддӣ-техникӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади таъмини ҳалли вазифаҳои афзалиятноки факултет, мувофиқ намудани он бо талаботҳои замони муосир;

- ба вуҷуд овардани фазои мусоид ва солими корӣ миёни коллективи устодону кормандони факултет;

- ба вуҷуд овардани фазои эътимоду боварӣ, ҳурмату эҳтироми ҳамдигарӣ, таҳким бахшидан ба ғояҳои некхоҳӣ ва накӯкорӣ, масъулияту дастгирии ҳамдигар.

## III. БАХШИ ТАЪЛИМ

Бахши таълим қисмати муҳим ва афзалиятноки Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, бо назардошти самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз ҷумла таҳқиқ намудани самтҳои афзалиятноки илм дар шароити муосир, ҳамбастагии илм ва амалия, моҳияти илмӣ доштани раванди таълим, ворид намудани шаклҳо, усулҳо ва технологияи муосир дар раванди таълим, баланд бардоштани масъулияти устодон дар раванди таълим ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯёну магистрон, алоқамандии таълим ва тарбия, беҳтар намудани шароити иҷтимоии устодону донишҷӯёну магистрон, рушди истеъдод ва қобилияти донишҷӯ, баланд бардоштани нуфузи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботҳои муқарраршуда, таҳия шудааст.

Дар чаҳорчӯбаи самти ишорашуда мақсади Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносиро боло бурдани сатҳи донишандӯзӣ ва таълим, ислоҳот ва такмил додани ҷараёни таълиму тадрис, омода намудани ҳуқуқшиносони сатҳи баланди касбидошта ва рақобатпазири бозори меҳнат, ки аз донишҳои мукаммали ҳуқуқӣ бархурдоранд, ташкил медиҳад.

Баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои муайянгардида, омӯзгорони факултетро ҳамчун субъектони асосии амалисозандаи Барномаи мазкур лозим аст, ки дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва тадрис як қатор корҳоро анҷом диҳанд, зеро, то замоне ки устод мақсад ва натиҷаи фаъолияти худро маҳз дар самти боло бурдани дониш ва маънавиёти ҳуқуқии донишҷӯ дарк насозад ва ба он ҷидду ҷаҳд накунад, натиҷабахшии фаъолияти омӯзгории ӯ назаррас намегардад. Донишҷӯёну магистрон бояд эҳсос намоянд, ки устодони онҳо дар воқеъ азму ният ва хоҳиши босавод кардани онҳоро доранд.

**Аз ин рӯ, ҳайати устодону кормандони факултетро лозим меояд, ки баҳри анҷом додани корҳои зерин сафарбар шаванд:**

**1. Дар самти таъмини сатҳи баланди сифати таълим, устувор намудани мавқеи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва илмии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, иҷро намудани вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:**

- то оғози соли таҳсил (нимсолаи соли таҳсил) омода намудани матни лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, нақшаҳо ва дастрас намудани нусхаи электронӣ ва ё чопии онҳо дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- баҳри таъмин намудани раванди таълим таҳия ва кор карда баромадани корҳои илмӣ, таълимӣ ва методии босифат;

- ворид намудани усулҳои фаъол ва технологияи муосир дар раванди таълим;

- таъмини иттилоотии таълимӣ;

- омода кардани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дигар маводи таълимӣ оид ба тамоми фанҳои дар нақшаи таълимии ихтисосҳои амалкунандаи факултет пешбинишуда;

- пайваста омӯхтан ва истифодаи усулҳои умумэътирофшудаи таълим;

- ташкили онлайн-лексияҳо бо иштироки устодони эътирофшудаи муассисаҳои бонуфузи таълимии хориҷи кишвар;

- омода намудани видео-дарсҳои таълимӣ ва таҷрибавӣ бо иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёну магистрони факултет;

- истифодаи босамари унсурҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар раванди таълим;

- андешидани тадбирҳо дар самти риояи қатъии интизоми меҳнат дар раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати комилан аз байн бурдани дарсшиканӣ;

- пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҳама гуна омилҳои худсарона даст доштан ба ивази беасос ва бемавриди дарсҳо;

- андешидани тадбирҳо бобати ташкили гуруҳҳои русӣ ва англисӣ дар зинаи магистратура;

**2. Ташкил, муҷаҳҳаз сохтан ва мақсаднок истифода намудани синфхонаҳои нав дар раванди таълим:**

- омода кардан ва муҷаҳҳаз сохтани толори таълимии маҷлиси судӣ бо воситаҳои технологияи муосир;

- ташкили синфхонаи лингафонӣ ва дигар синфхонаҳои таълимии ихтисосӣ;

- муҷаҳҳаз сохтани синфхонаҳои таълимӣ ба воситаҳои техникии муосир (компютер, микрофон, видеопроектор, тахтаҳои электронӣ, тахтаи ҳушманд (СМАРТ-доска) ва ғайра);

- таъсиси Маркази илмии баргардонии истилоҳоти ҳуқуқӣ ба забони тоҷикӣ ва дар заминаи он таҳия ва нашри вожаномаҳои ҳуқуқӣ;

- муҷаҳҳаз намудани лабораторияи криминалистӣ бо техникаҳои муосири криминалистӣ;

- ташкил намудани китобхонаи электронӣ;

**3. Ворид намудани технологияи нави таълимии ҷавобгӯ ба талаботи стандарти байналмилалии сифати таълим:**

- тақвият бахшидан ба низоми омода намудани мутахассисони сатҳи байналмилалӣ дар асоси барномаҳои фардии таълимӣ ва фарогирии доираи васеи донишҷӯёну магистрон;

- бо истифода аз усулҳои фаъоли омӯзиш баланд намудани ҳиссаи азхудкунии фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯёну магистрон;

- риояи меъёрҳои баҳогузорӣ ба дониши донишҷӯёну магистрон дар раванди дарс;

- тақвият бахшидан ба истифодаи воситаҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди дарсҳои лексионӣ ва амалӣ;

- таҳия ва чоп намудани воситаҳои нави таълимию методӣ барои амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ.

- бознигарӣ ва аз нав таҳия намудани нақшаҳои таълимӣ тамоми зинаҳои таҳсилот;

- пешбинӣ намудани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар нақшаҳои таълимии тамоми зинаҳои тахилот;

- ҷорӣ намудани хатти бесими озод ва ройгони интернет барои омӯзгорон ва донишҷуён;

**Баҳри мукаммал гардонидани ҷараёни таълим дар доираи модели таълимии бефосила вобаста ба самти афзалиятноки рушди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионии факултети ҳуқуқшиносӣ:**

1. Таъсис намудани самтҳои нави омодасозии кадрҳо ва тайёр намудани барномаҳои таълимӣ, ки ба талабот ва самти рушди афзалиятноки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд;

2. Ҷоннок намудани падидаи магистратура дар факултет;

3. Ташкили бозомӯзии мутахассисон дар соҳаҳои нав вобаста ба талаботи замон;

4. Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, талаботи бозори меҳнат ва зарурияти омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳуқуқӣ таъсиси ихтисосҳои нави таълимӣ;

5. Бо дарназардошти талаботи кунуни рушди ҳаёти ҳуқуқии кишвар пешбинӣ намудани таъсиси марказҳои алоҳида дар назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз қабили маркази омӯзиш ва пешниҳод ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маркази омӯзишӣ-таҳлили оид ба ҳуқуқи инсон, маркази таълимии таъминоти ҳуқуқии

**Синни ниҳоии дар хизмати ҳарбӣ будан – барои онҳое, ки дорои рутбаи ҳарбии генерал-полковник – 63 сол.**
**Қонуни ҶТ «Дар бораи ухдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753**

# ЛОИҲАИ «БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2021-2025)»

соҳибкорон, маркази таълимӣ оид ба расонидании ёрии ҳуқуқӣ ва дигар марказҳо.

6. Роҳандозӣ намудан ва амалӣ сохтани барномаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои касбӣ ва корфармоён;

7. Ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти Клиникаи ҳуқуқӣ дар заминаи факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар шахсон;

8. Ташкили иттиҳодияи ҷамъиятии ҳуқуқшиносон;

9. Мусоидат намудан ба боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии Тоҷикистон тавассути ҷалб намудани омӯгорону донишҷӯён ба баромадҳои оммавӣ, ташвиқоту тарғиботи донишҳои ҳуқуқӣ, шарҳу тавзеҳи қонунгузорӣ тавассути ВАО;

10. Дар иртибот ба талаботҳои тағйирёбандаи бозори меҳнат, инчунин бо мақсади таъмини рақобатпазири факултет дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ андешидани чораҳои мақсаднок баҳри густариши маҳорати созгории донишҷӯёну магистрон ва устодон.

11. Ташкил ва баргузор намудани озмуни «Кафедраи сол», «Устоди сол», «Донишҷӯйи сол»-и факултети ҳуқуқшиносӣ;

Дар раванди боло бурдани сифати таълим ва сатҳи донишандӯзии донишҷӯёну магистрон истифода намудани усулҳои нави таълим мувофиқи мақсад мебошад. Ин усулҳо барои омода намудани ҳуқуқшиносон дар иртибот ба талабот ва дархости ҷомеаи имрӯза кӯмак менамоянд. Мақсад аз истифодаи навгониҳо ин модернизатсияи раванди таълим ҷиҳати омода намудани ҳуқуқшиносони дорои донишҳои сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ, рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, муоширати баланди касбӣ, маҳсуб меёбад.

**Ворид намудани усулҳои замонавии таълим амалӣ намудани чунин чораҳоро тақозо менамояд:**

- мунтазам ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод аз ҷониби устодони пешбар ва собиқадори факултет баҳри намоиш додан ва омӯзонидани устодони ҷавон бо усулҳои беҳтарини таълим ва тахассус;

- ба роҳ мондани низоми роҳнамоӣ ва додани машварат аз ҷониби профессорон ва олимони барҷастаи факултет ба омӯзгорони ҷавон дар самти ба нақшагирии машғулиятҳои дарсӣ, истифодаи усулҳои таълим, интихоб ва татбиқи технологияҳои муосир;

- мунтазам ташкил намудани ҷараёни иштироки мудирони кафедраҳо ва устодони собиқадор дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалии омӯзгорони ҷавон, аз ҷумла ташкил намудани воридшавӣ ба дарсҳо дар доираи байни кафедраҳои ҳамҷавор;

- даъват намудани олимони маъруфи донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ, кормандони амалия барои гузаронидани машғулияти лексионӣ ва амалӣ марбут ба масъалаҳои мубрами тахассусҳо, инчунин марбут ба масъалаҳои истифодаи усулҳои таълиму тадрис, равоншиносӣ, фарҳанг ва санъати сухан, ахлоқи касбӣ ва ғайра;

- пайваста такмил додани усулҳои замонавии омӯзиши раванди таълим;

- дар раванди таълим ворид намудани усулҳои интерактивии омӯзиш: тренингҳо, бозиҳо, усули Суқрот, формулаи МАМН (мавқеъ, асоноккунӣ, мисоловарӣ, натиҷа), ҳуҷуми ақлӣ, манбаи қарорҳо, кор бо гурӯҳҳои хурд, ҳалли масъала, пурсиши муттақобила ва ғ.

- истифодаи самараноки усулҳои маъмул ва интерактивии таълим;

- модернизатсияи низоми омода намудани ҳуқуқшиносҳои касбӣ бо роҳи мақсаднок баргузор намудани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ, истифодаи шаклу усулҳои иловагӣ ва инфиродии боло бурдани сатҳу сифати таълим (дарсҳои факултативӣ, маҳфилҳои донишҷӯёну магистрон ва ғ.);

- таъсиси низоми кор бо донишҷӯёну магистрони соҳибистеъдод тавассути ташкил намудани чорабиниҳо, озмунҳо, гурӯҳҳои омӯзиши фарохтари барномаҳои таълимӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯёну магистрони соҳибистеъдод барои кор аз рӯи тахассус пас аз хатми донишгоҳ, ҷалб намудани онҳо дар корҳои илмӣ;

- вусъат бахшидан ба низоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ, васеъ намудани амалияи истифодаи забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯёну магистрон, махсусан дар самти татбиқи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайати устодону кормандон дар самти усули истифодаи технологияи муосир ва воситаҳои муосири иттилоотӣ-иртиботии раванди таълим;

- ташкил намудани семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конфаронсҳо марбут ба истифодаи усулҳои муосири таълим;

- ба роҳ мондани мониторинги доимии сифати таълим тавассути низоми ягонаи рейтинги давомот, ташкил намудани амалияи гузаронидани имтиҳонҳои мустақил, назорати сифати таълим тавассути гузаронидани пурсишномаҳо (анкета):

- ворид намудани воситаҳои иттилоотӣ-иртиботии таълим, ҷадвали дарсҳои электронӣ, низоми китобхонаи электронӣ, дар шабакаи Интернет ҷойгир намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ, нашриёҳои электронӣ ва ғ.

- пайваста ба роҳ мондани мутолиаи маводи нави илмӣ, таълимӣ, методӣ, рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявӣ аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯёну магистрон;

- мусоидат ба инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии омӯзгорон ва донишҷӯёну магистрон;

## IV. БАХШИ ИЛМ

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти факултетро анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил менамояд.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраҳои тахассусии факултет бо ба инобат гирифтани муҳимияти масъалаи таҳқиқшаванда дар рушди давлатдории миллӣ, рӯзмарра будани онҳо дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд анҷом дода мешаванд, ки дар нақшаи илмӣ-таҳқиқотии ҳар як кафедра онҳо вобаста ба самт, масоил ва мавзӯъ муайян ва тасдиқ карда мешавад.

**Ба ҳайси вазифаҳои асосии факултети ҳуқуқшиносӣ дар соҳаи илм баромад мекунанд:**

- мутобиқ намудани фаъолияти илмии устодон ва донишҷӯёну магистрон ба талаботи илмии замони муосир;

- фароҳам овардани шароити мусоид баҳри анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- дар мувофиқа бо Раёсати Донишгоҳ андешидани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии иловагии молиявии устодон барои эҷод намудани асарҳои илмӣ ва таълимӣ;

- баланд бардоштани самаранокии донишҳои илмӣ;

- густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм;

- ташкил ва анҷом додани тадқиқоти илмии бунёдӣ (фундаменталӣ);

- боло бурдани дараҷаи камолоти илмӣ-омӯзгории ҳайати устодони факултет;

- тақвият додани одоби илмӣ;

- баланд бардоштани сатҳи донишафзунии асарҳои илмӣ;

- дуруст ба роҳ мондани қабули магистрон, унвонҷӯён, доктор PhD;

- таъсиси пойгоҳи электронии рисолаҳои илмӣ (диссертатсияҳо);

Ба сифати самтҳои афзалиятноки рушди илм дар факултети ҳуқуқшиносӣ баромад мекунанд:

1. Боло бурдани сатҳи касбии ҳайати устодони факултет.

**Ҳамчун шаклҳои бартаридошта дар боло бурдани сатҳи касбӣ баромад мекунанд:**

- бозомӯзӣ ва такмили таҷрибаомӯзии назариявӣ ва амалии устодони факултет дар муассисаҳои илмӣ-таълимии бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ;

- омӯзиши амалияи ташкилоту муассисаҳо, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои молиявӣ, корхонаҳо ва ғ.;

- андешидани чораҳо оид ба такмили минбаъдаи китобхонаи илмии факултет ва таъмин намудани он бо адабиётҳои навини илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нашриёҳои расмии мақомоти қонунгузори кишвар, рӯзномаҳо ва дигар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ-назариявии соҳавӣ;

**2. Боло бурдани нерӯи илмии кафедраҳои тахассусии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.**

- андешидани чораҳо баҳри саривақт омода ва дифоъ намудани рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии доктор ва номзади илми ҳуқуқшиносӣ. Ба мақсад мувофиқ аст, ки таваҷҷуҳ ба омода намудани кадрҳои дараҷаи илмидошта дар риштаҳое, ки дар Тоҷикистон нодиранд, нигаронида шавад;

- иҷрои самараноки нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳои факултет барои солҳои 2021-2025 бо назардошти дастовардҳои навини илми муосир ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа;

- ташаккул, инкишоф ва ҳавасмандагардонии мактабҳои илмии кафедраҳои тахассусии факултет. Дар ин самт тақвият бахшидан ба фаъолияти устодони факултет дар самти ширкат ва маърӯза намудан дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта. Дар сурати ширкат намудан дар чорабиниҳои илмӣ дар хориҷи кишвар устодони факултетро лозим аст, то мувофиқ будани мавзӯи чорабиниро бо мавзӯи таҳқиқоти илмии худ ва ё самти илмии рағбатдошта ба инобат гиранд;

- дар доираи самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба нақша гирифтан ва баргузор намудани Форуми байналмиллаии ҳуқуқшиносон, конфаронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо, интернет-конфронсҳо, конфронсҳои фосилавӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ ва таълимии ватанӣ ва хориҷӣ;

- ташкили ҳамоишҳои илмӣ ба хотири гиромидошти устодони варзида, чеҳраҳои шинохта ва маъруфи ҷомеаи ҳуқуқшиносон;

- таъмини иштироки фаъолонаи устодон дар кори Шӯроҳои диссертатсионӣ ва баромад намудан ба ҳайси муқарризи расмии рисолаҳо;

- ташкил ва ба роҳ монани ҷаласаҳои кафедраҳои марбута, ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои ҳамҷавор мавриди муҳокимаи рисолаҳои илмӣ;

- тақвият бахшидан ба кори семинари илмӣ-назариявии муҳаққиқони ҷавони факултет;

- афзун гардонидани самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодону кормандони факултет аз нигоҳи мазмун, сифат ва шумора. Натиҷаҳои тадқиқотҳои илмии анҷомдодаи устодони факултет бояд дар таҳия ва нашри монографияҳо, тафсирҳои илмӣ, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, фишурдаҳо, доктринаҳо, мақолаҳои илмӣ, омода ва пешниҳоди хулоса ба матни лоиҳаи қонунҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёбанд. Таваҷҷуҳи хоса ба нашр намудани мақолаҳои илмӣ дар нашриёҳое, ки шомили руйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва Комиссияи Олии Аттестатсионии ФР мебошанд ва ба низоми ИРИИ (индекси руссиягии иқтибосҳои илмӣ) дохил карда шудаанд, дода шавад. Нашри маҷаллаи факултети ҳуқуқшиносӣ «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ва «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» бо ҷалби муаллифони ватаниву хориҷӣ ҷоннок карда шавад. Барои ба қайд гирифта шудани маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ба сифати маҷаллаи таҷассумкунандаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо андешида шавад.

- бо дарназардошти зарурат мусоидат ба ташкили маҷҷалаи илмию амалӣ аз ҷониби Кафедраҳои ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ вобаста ба ихтисосҳои худ - 12.00.08; 12.00.09.; 12.00.11.; 12.00.12.

- омода намудани кадрҳои илмӣ - омӯзгории касбӣ дар низоми таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Дар ин самт бартарӣ ба тавсеа бахшидан ба самти омода намудани унвонҷӯён ва докторантҳо дода шавад. Баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисос бояд самтҳои илмии кафедраҳои факултет таҷдиди назар карда шуда, мавзӯҳои рӯзмарра, замонавӣ ва фарогири дурнамои илмидошта муайян карда шавад;

- вусъат бахшидан ба анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ-амалӣ дар доираи бурсияҳо, созишномаҳои ҳамкорӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷавӣ. Дар робита ба ин масъала зарур аст, ки мавзӯъҳои афзалиятноки таҳқиқотӣ, соҳаҳои истифода (татбиқ) шудани натиҷаи онҳо муайян карда шуда, дар ин робита бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, институтҳои молиявӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ ҳамкории судманд роҳандозӣ карда шавад.

- дар ҳамбастагӣ бо Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба аспирантура, докторантура ва посдокторантура (доктор ҳабилтарес) мақсаднок сафарбар намудани устодону кормандони факултет дар риштаҳои нодири ниёзманд.

- ба падидаи магистратура таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шуда, дар ин замина барои таёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

- тайёр намудани кадрҳои илмӣ тавассути докторантураи PhD ҷоннок карда шуда, ҷалби докторанти PhD бо дарназардошти риояи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ–омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки докторантони PhD аз ҳисоби хатмкунандагони фаъоли факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд, забони давлатӣ ва хориҷиро хуб медонанд, ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносӣ доранд, ҷалб карда шаванд. Докторантони PhD-ро зарур аст, ки дар мавзӯъҳои афзалиятнок ва арзишманде, ки барои рушду инкишофи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи кишвар созгоранд, таҳқиқотҳои илмӣ анҷом диҳанд.

- кафедраҳои тахассусӣ омода намудани кадрҳои илмӣ-соҳавиро тавассути институти унвонҷуӣ зери назорати ҷиддӣ қарор дода, ба ҳайси унвонҷуй шахсони болаёқат, донишманд, тафаккури илмӣ-интиқодӣ доштаро ҷалб намоянд. Унвонҷӯён вазифадоранд, ки дар мавзӯъҳои рӯзмарраи афзалиятноки ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд.

- устодони соҳибтаҷриба ва соҳибмактаб (профессорон ва дотсентон) метавонанд маҳфилҳои илмии инфиродии худро таъсис дода, ба ин восила доираи муайяни донишҷӯёну магистронро ба таҳқиқи мавзӯъҳои алоҳидаи илмӣ ҷалб намоянд.

- тақвият бахшидан ба рушди алоқаҳои илмҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ, фаъолона истифода намудани донишҳои байнисоҳавӣ дар таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ бо ба инобат гирифтани дурнамои ташаккули фанҳои илмии байнисоҳавӣ (забони ҳуқуқӣ, фалсафаи ҳуқуқ, мантиқи ҳуқуқӣ, социологияи ҳуқуқӣ);

- рӯнамоии асарҳои илмии тозанашр;

**3. Омода намудани донишҷӯёну магистрон барои анҷом додани корҳои илмӣ-**

**таҳқиқотӣ.**

3.1. Яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултетро таъсис ва фаъолияти ҷамъияти илмии донишҷӯёну магистрон ва маҳфилҳои илмии назди кафедраҳо ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ ҷамъияти илмии донишҷӯёну магистрон фаъолияти маҳфилҳои илмии назди кафедраҳоро муттаҳид менамояд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки хело бармаҳал ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тарбия карда шаванд. Ба ин хотир онҳо метавонанд фаъолияти худро дар ин ва ё он маҳфилҳои илмии назди кафедраҳо ба роҳ монанд. Донишҷӯёну магистрон имкон доранд, ки таҳти роҳбарӣ ва машварати роҳбарони илмии хеш аз ҳисоби устодони соҳибтаҷриба ва унвони илмидошта ба таҳқиқу баррасии мавзӯъҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқшиносӣ даст зада, дар иртибот ба ин масъала корҳои курсӣ, рефератҳо, маърӯзаҳои илмӣ, корҳои озмунӣ, рисолаҳои хатмкунӣ, магистрӣ ва рисолаҳои дипломӣ таҳия намоянд.

Садорати факултет ва кафедраи тахассусӣ қобилияту истеъдоди донишҷӯёну магистронро ба инобат гирифта, бо назардошти имконоти мавҷуда метавонанд онҳоро барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо роҳи магистратура, унвонҷӯӣ ва докторанти PhD ҷалб намоянд.

**Фаро гирифтани донишҷӯёну магистрон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз чунин вазифаҳо иборат мебошад:**

1) ҳамгироии равандҳои илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ;

2) ташаккули малакаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар ниҳоди донишҷӯёну магистрон;

3) шиносоии донишҷӯёну магистрон бо методологияи илмии муосир;

4) ташаккули малакаҳои кор бо адабиёти илмӣ;

5) ҷалби донишҷӯёну магистрон ба корҳои илми таҳқиқотии факултет;

**3.2. Дар раванди таълим истифода намудани технологияҳои муосири таълимӣ бо мақсади ташаккулёбии малакаҳои ибтидоии мустақилона ташкил ва анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. Дар робита ба ин, истифодаи шаклҳои зерини омӯзишӣ бо унсурҳои зерини тадқиқоти илмӣ ба роҳ монда мешавад:**

- гузаронидани семинарҳои илмӣ-методӣ дар заминаи кафедраҳои факултет, роҳнамоии донишҷӯёни барои аъзо шудан ба Китобхонаи миллӣ бо мақсади ташаккул бахшидан ба малакаи кор бо адабиёти илмӣ, базаи маълумот, номгӯйи (каталогҳои) библиографӣ ва аз худ намудани усулҳои тайёр ва навиштани маърузаҳои илмӣ, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатмкунӣ, магистрӣ ва рисолаҳои дипломӣ ва ғайра;

- таъсиси маҷаллаи илмӣ барои нашри мақолаҳои магистрҳо.

- гузаронидани коллоквиумҳо (семинарҳо) роҷеъ ба шарҳи адабиёти илмии ба мавзӯъҳои гуногун ва қисматҳои фанни таълимӣ алоқамандбуда;

- додани машварат оид ба иҷро намудани рефератҳо, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатмкунӣ, магистрӣ ва рисолаҳои дипломӣ;

- гузаронидани конфронси илмӣ-амалӣ барои донишҷӯёну магистрон дар интиҳои соли таҳсил;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати мутолиаи маводи нави илмӣ, таълимию методӣ, рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, илмӣ барои рушди ҷаҳонбинии донишҷӯёну магистрантон;

**3.3. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёну магистрон, ки раванди таълим ва тадрисро мукаммал менамояд:**

- мусоидат намудан ба маҳфилҳои илмии донишҷӯёну магистрони назди кафедраҳои тахассусии факултет;

- ҷоннок ва ҳамоҳангсозии Ҷамъияти илмии донишҷӯёну магистрони факултет. Самти асосии фаъолияти Ҷамъияти илмии донишҷӯёну магистрон бояд чунин бошад: иштирок дар ташкил ва гузаронидани конфронсҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯёну магистрон, ҷалби донишҷӯёну магистрон барои ширкат дар конфаронсҳо ва олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун;

- тайёр намудани донишҷӯёну магистрони факултети ҳуқуқшиносӣ ба олимпиадаҳои байналмилалӣ;

- таъсиси дастаи олимпии донишҷӯёни факултет ҷиҳати иштироки онҳо дар олимпиадаҳо, барномаҳои телевизион радио ва дигар чорабиниҳои давлативу ҷамъиятӣ;

- нашри беҳтарин мақолаҳои илмии донишҷӯёну магистрон дар маҷаллаҳои илмии факултет ва донишгоҳ;

- иштироки донишҷӯёну магистрон дар конфронсҳои илмӣ, интернет конфронсҳо, олимпиадаҳо ва озмунҳо;

- ташкил ва гузаронидани конфронси илмӣ-амалии солонаи донишҷӯёну магистрон ва олимони ҷавони факултет (ҳафтаи илм);

- гузаронидани озмуни «Донишҷӯи сол» аз рӯи натиҷаҳои иштироки донишҷӯёну магистрон дар фаъолияти илмии факултети ҳуқуқшиносӣ (ҳар сол дар моҳи май ва июн);

- муайян намудани донишҷӯёни лаёқатманд ва дастгирии донишҷӯёне, ки кӯшиши идомаи таҳсил дар магистратура доранд, мусоидат ба донишҷӯёну магистрон дар интихоби масоили таҳқиқоти рисолаи оянда ва интихоби маводи таҳқиқотӣ;

- таъсис додани махзани маълумот дар кафедраҳои тахассусии факултет бо мақсади расонидани ёрии илмӣ-методӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёну магистрон;

- ҷойгир намудани маводҳои иттилоотӣ оид ба чорабиниҳои илмӣ- тадқиқотии донишҷӯёну магистрон дар ВАО ва сомонаи факултети ҳуқуқшиносӣ.

- ташкили корти ягонаи донишҷӯ бобати ворид шудан ба факултет, китобхона, китобхонаи электронӣ, толори имтиҳонӣ ва истифодаи он барои пойгоҳи ягонаи маълумоти донишҷӯён.

## V. БАХШИ ТАРБИЯ

Фаъолияти тарбиявӣ фарогири қисми таркибии Барномаи рушди факултет маҳсуб меёбад. Мақсади фаъолияти тарбиявии факултети ҳуқуқшиносиро тарбияи донишҷӯёну магистрону магистрони факултет дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, адолат, бовиҷдонӣ, шарафмандӣ, росткориву накукорӣ, поквиҷдонӣ, эҳтироми устодон, калонсолон ва ҳамсабақон тавассути амалӣ намудани низоми чораҳои мақсадноки тарбиявӣ, ташкил медиҳад.

Мутобиқ ба ин ғояҳо тарбияи донишҷӯёну магистрону магистрон тавассути чораҳои тарбиявии мақсадноки ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ ба амал бароварда мешавад. Низоми тарбия дар ҳамбастагӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ ва маънавӣ бунёд меёбад. Амалишавии низоми тарбия ҷалб гардидани анъанаҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ, мероси маънавӣ, анъанаҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро тақозо менамояд. Корҳои тарбиявӣ миёни донишҷӯёну магистрон пайваста, мутассил ва муназзам ба роҳ монда мешавад.

**Ба сифати чораҳо ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти тарбиявӣ баромад менамоянд:**

- тарбияи донишҷӯ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ, муқаддас донистани тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон;

- риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ ва қоидаҳои донишҷӯӣ;

- аз истифодаи телефонҳои мобилӣ дар бино, саҳни донишгоҳ ва ҷараёни дарсҳо қатъиян худдорӣ намудан;

- тарбияи донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи иҷрои бемайлони Дастурамали сару лисбосҳои намунавии донишҷӯёну магистрони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- фаъолияти сарпарастони гуруҳҳои академӣ бо назардошти самтҳои афзалиятноки вусъат додани корҳои тарбиявӣ миёни донишҷӯёну магистрон ҷоннок карда шавад. Дар ин росто ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки сарпарастони гуруҳҳои академӣ оид ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти донишҷӯёну магистрон соҳибиттилоъ буда, пайваста аз аҳволи онҳо бохабар бошанд;

- ба роҳ мондани дарсҳои кураторӣ ба мавзӯъҳои рӯзмарраи ҳаёти тарбиявӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди корӣ бо волидайни донишҷӯёну магистрон дар партави иҷрои талаботҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;

- ҷалби падару модари донишҷӯёну магистрон дар самти азхудкунии дарсҳо, рафтор ва одоби муоширати донишҷӯ ва дар баланд бардоштани сифат ва сатҳи донишандузӣ;

- андешидани чораҳои муассир дар самти таъмини иштироки донишҷӯёну магистрон ба дарсҳо;

- тарбияи донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи муносибати оштинопазир бо равияҳои сиёсӣ-динии хусусияти ифротгароӣ ва радикалидошта, раҳоӣ бахшидани донишҷӯ аз хурофот ва таассуб;

- вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба масъалаҳои саривақт ҳозир шудан ба дарс, бо автомашинҳои шахсӣ ҳозир нашудан ба Донишгоҳ; ҳозир шудан ба донишгоҳ бо ҷузвдон, китобу дафтар ва дигар лавозимоти таълимӣ, риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳ, худдорӣ намудан аз кашидани носу сигор, нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мадҳушкунанда, офтобпараст, сақич дар ҳудуди донишгоҳ ва хобгоҳҳо;

- риоя намудани талаботҳои шартномаи бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба имзо расонидаи дутарафа ва сетарафа;

- вусъат бахшидан ба иштироки фаъолонаи донишҷӯёну магистрон дар конфаронсҳои минтақавӣ, байналхалқӣ ва дар курсҳои бозомӯзӣ;

- мунтазам бохабар шудан аз шароити зисту зиндагонии донишҷӯ дар хобгоҳ;

- ташаккули маданияти баланди ахлоқии донишҷӯён;

- ташвиқ намудани тарзи ҳаёти солим, ҷалби донишҷӯёну магистрон ҷиҳати иштирок ба чорабиниҳои оммавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ;

- ташкил намудани вохуриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, чеҳраҳои шинохтаи илми кишвар, хатмкунандагони факултет;

- тарбияи донишҷӯёну магистрон дар рӯҳияи муносибати некбинона бо хонаҳои кудакони бесарпараст ва маъюб, муассисаҳои пӯшидаи бачагона;

- мусоидат намудан ба ташрифи донишҷӯёну магистрон ба театрҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳо;

- мусоидат намудан ба баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, адабӣ бо ҷалби адибон ва аҳли зиё;

- таъмини иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар муҳимтарин чорабиниҳои ҳаёти фарҳангии кишвар ва роҳпаймоиҳои осоишта вобаста ба таҷлили муҳимтарин ҷашнвораҳои миллӣ;

- вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ оид ба нашрияҳои илмӣ, таълимӣ ва кор дар китобхона, махзани китобҳо ва ғ.;

- ҷалб намудани донишҷӯёну магистрони боистеъдод ба намудҳо ва жанрҳои гуногуни санъати мусиқӣ, маданӣ ва варзиш;

- ба роҳ мондани маҳфили зеҳнии донишҷӯёну магистрон;

- тарбия намудани донишҷӯ дар хусуси муносибати эҳтиёткорона бо моликияти давлатӣ, донишгоҳӣ дар хобгоҳ;

- тарбияи завқи эстетикии донишҷӯёну магистрон;

- гузаронидани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар хусуси пешгирии касалиҳои зуҳравӣ ва СПИД;

- гузаронидани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ марбут ба пешгирӣ кардани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз қабили нашъамандӣ, майпарастӣ, маҳалгароӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ, терроистиву экстремистӣ ва ҷиноятҳорӣ дар байни ҷавонон;

- ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии донишҷӯёну магистрон;

- дастгирии ташаббусҳои донишҷӯёну магистрон оид ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон;

- эҳтиром ба арзишҳои умумибашариву ватанӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон,

- густариши таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди донишҷӯ;

- мусоидат намудан ба ҷалби донишҷӯёну магистрон ҷиҳати пешбурди фаъолияти тарбиявии онҳо бо роҳи таъсис додани созмонҳои ҷамъиятӣ (Созмони ҷавонон, иттифоқи касаба ва дигар гуруҳҳои ташаббускор).

## VI. БАХШИ ҲАМКОРИҲО ВА РОБИТАҲОИ БЕРУНА

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолияти худро дар асоси ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид ва мутақобилан судманди дуҷониба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти идоракунии давлатӣ, ҳокимияти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои мақомоти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ менамояд.

Ҳамзамон факултет ва кафедраҳои тахассусии онро ба мақсад мувофиқ аст, ки дар мувофиқа бо Раёсати Донишгоҳ ҳамкориро бо дигар марказҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар, Академияи миллии илмҳои ҶТ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, факултетҳои марбута ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ оид ба масъалаҳои мавриди назар ба роҳ монанд.

**Масъалаи вусъати ҳамкориҳои беруна бо марказҳои бунуфузи ватанӣ ва хориҷӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии факултет қарор дошта, бо назардошти дурнамо тавсеаи робитаҳои беруна дар самтҳои зерин роҳандозӣ карда мешавад:**

- ба имзо расонидани шартномаҳои дуҷониба бо мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои ҳуқуқмуҳофизавӣ дар масъалаи ба кор таъмин намудани муттахассисони ҷавон ва ҷалби донишҷӯёну магистрон ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пеш аз дипломӣ;

- мусоидат намудан ба такмили бозомӯзии омӯзгорону донишҷӯёну магистрон дар муассисаҳои бонуфузи илмӣ-таълимии ватанӣ ва хориҷи кишвар;

- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои байнифакултетӣ ва байнидонишгоҳӣ дар соҳаи таълимоти ҳуқуқшиносӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар, аз ҷумла бо давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Асамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзоии ИДМ;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати шомил гардидани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба узвияти Ассотсиатсияҳои минтақавӣ, байнидавлатӣ ва байналмиллалии ҳуқуқшиносон;

- вусъат додани ҳамкорҳои дуҷониба миёни олимони ҳуқуқшинос бо ҳамкоронии хориҷии онҳо;

- тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дарёфти грантҳо ва бурсияҳо ҷиҳати пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ.

- бо мақсади дастрасии иттилоот ба аҳолӣ, мақомоти давлатӣ, донишҷӯён, волидайн ва намояндагони қонунии онҳо, намояндагони васоити ахбори омма ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти таълимӣ, тарбиявӣ ва илмии факултет, бознигарӣ ва ҷоннок намудани фаъолияти сомона ва суроғаи электронии факултет дар шабакаи ҷаҳонии ИНТЕРНЕТ.

## VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Амали Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 нисбат ба омӯзгорон, кормандон, ҳамкорон, соатбайъҳои факултет ва омӯзгорони дигар факултету кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз рӯйи нақшаҳои таълимии амалкунанда тадриси фанҳои мушаххасро амалӣ менамоянд, паҳн мегардад.

1. Аз рӯйи зарурат ба Барномаи мазкур тағийроту иловаҳо ворид кардан мумкин аст. Ворид намудани тағийру иловаҳо бо он тартибе, ки Барнома қабул шудааст, сурат мегирад.

2. Вазъи иҷрои Барнома аз ҷониби гуруҳҳои корӣ, муовинони декан ва роҳбарони сохторҳои марбутаи факултет, мудирони кафедраҳо мавриди омӯзиш ва назорати доимӣ қарор дода шуда, аз натиҷаи он ба Шӯрои олимони факултет гузориш пешниҳод менамоянд.

**P.S. Хонандагони азизи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»!**

**Ба таваҷҷуҳи Шумо лоиҳаи «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021-2025)» манзур гардид. Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки ҷиҳати боз ҳам мукаммал намудани Барномаи мазкур фикру мулоҳизаҳои худро ба садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дастрас намоед.**

***Почтаи электронӣ: law.tnu.tj@gmail.com***

**Синни ниҳоии дар хизмати ҳарбӣ будан – барои онҳое, ки дорои рутбаи ҳарбии полковник – 53 сол.**
**Қонуни ҶТ «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753**

# ПАЁМ – РОҲНАМОИ ЗИНДАГИИ ОСОИШТА

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳнамои зиндагии ҳар яки мо ба ҳисоб рафта, ҳуҷҷате мебошад, ки ҷомеаи моро ба фардои нек роҳнамоӣ мекунад. Дар Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон дар пайванди мантиқӣ бо шароити ҷаҳони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Паёми Президенти мамлакат ба мақоми олии қонунбарори кишвар дар соли барои мардуми шарифи Тоҷикистон воқеан муҳимми таърихӣ – 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ пешниҳод гардид. Агар ба муҳтавои Паёми навбатӣ назар афканем, мебинем ки дар он ба ҳар як бахши ҳаёти ҷомеа қисмате ҷудо гардида, муҳимтарин самтҳои фаъолияти бахшҳо барои оянда наздик вазифагузорӣ шудаанд.**



Дар Паёми имсола бисёр масъалаҳои муҳимму аввалиндараҷа, аз қабили инкишофи минбаъдаи соҳаи саноат, кишоварзӣ, таъмини озуқаврии мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастгирии соҳибкорӣ, соҳаи илму маориф, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи озодиву истиқлолият, пешгирии ҷиноятҳо, мубориза ба муқобили терроризм ва экстремизм, боло бурдани фарҳанги ҷомеа, тақвияти бахшидани сиёсати дохиливу хориҷӣ ва дигар масъалаҳо мавриди матраҳ қарор гирифта, вазифагузорӣ карда шуданд.

Пешвои миллат қайд намуданд, ки вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарнок, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки аҳли башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаи таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Инчунин таъкид гардид, ки воқеоту таҳаввулотҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлолияти давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем. Маҳз аз гуфтаҳои сарвари давлат бармеояд, ки вазъи зудтағйирёбанда ва фазои ноороми ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти хатарнок метавонад сулҳу субот ва ҳаёти осудаи мардуми кишвари моро халалдор намояд. Бинобар ин, мо ҷавононро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, Ватани худро аз сидқи дил дӯст дорем ва ҳамеша ба хизмати халқу Ватан омода бошем.

Шаҳром ҒУЛОМАЛИЗОДА
донишҷӯи курси 2

# САДА – ҶАШНИ МИЛЛӢ

**Ҳар як қавму миллат дорои ҷашнҳои таърихии хеш мебошад. Бисёр халқиятҳоро аз ҳамдигар бо урфу одат, ҷашну маросимҳояшон метавон фарқ намуд. Халқи тоҷик аз қадимулайём бо ҷашнвораҳои худ маъруфи ҷаҳониён гаштааст. Ин халқияти таърихиро метавон бо иду маросимҳояш шинохт. Яке аз ҷашнвораҳои қадима, ки дорои таърихи ҳазорсола мебошад, ин ҷашни пуршукӯҳи Сада аст.**



Дилноза СИРОЧИДДИНОВА
донишҷӯи соли 1

Номи ин ҷашн барои он Сада номида мешавад, ки он аз шумораи 100-ро дар назар дошта, то фарорасии иди Наврӯз 50 рӯзу 50 шабро дар бар мегирад. Яке аз мутафаккирони маъруфи тоҷик Берунӣ мегӯяд, аҷдодони мо рӯзро дар алоҳидагӣ ва шабро низ дар алоҳидагӣ ҳисоб мекарданд, маҳз ҳамин сабаб шуд, ин ҷашн чунин номро гирад. Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мавсимии халқиятҳои ориёинажод ба шумор меравад, ки рӯзи 10-уми моҳи Баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардад ва мутобиқи солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани Шаби Ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи Дай) ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун гиромидошти ойини оташпарастӣ ва бузургдошти Меҳр истиқбол гирифта мешавад. Иди Сада дар поёни чиллаи калони зимистон, ҳамчун рамзи гузаштани сардиҳо ҷашн гирифта мешавад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" пайдоиши ҷашни Садаро ба подшоҳ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши ӯ Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт. Ҳушанг рӯзе ҳамроҳи ёронаш ба шикор рафт. Дар шикоргоҳ мори сиёҳи дарозеро дучор омад, ки ба одамон ҳамла меовард. Санги калонеро бардошта, сӯйи мор ҳаво дод ва он санг ба санги дигаре бархӯрда, шарора афканд. Ӯ аз шарора афкандани ду санг ба ҳайрат монда, онро чун шуои фурӯғи яздонӣ пазируфт ва аз ҳамон рӯз бузургдошти оташро ба ҷо овард. Ин маросим ҷашни Сада номида шуд, ки онро халқҳои ориёинажод пос дошта, дар арафаи фаро расиданаш гулханҳо меафрӯхтанд. Баъди кашфи оташ Ҳушанг нахустин касе буд, ки ба истехсоли филизот аз санг оғоз намуд ва онро гудохта, бар зидди аҳриманзодаҳову деву дадҳо аслиҳа сохт.




Ҷашни Сада низ яке аз муқаддасоти халқи тоҷик имрӯз ба ҳисоб рафта, боз як нишонаи олии миллати тоҷик аст. Имрӯз ҳар як фарди халқи тоҷик бояд ба чунин муқаддасот арҷ гузорад, то ки фарҳангу маданияти миллати тоҷик ҳамеша пойдор монад. Зеро пос доштани таърихи ниёгони хеш масъулияти ҳар як фарди комил аст. Миллати тоҷик бо чунин маросимҳои худ эътирофгаштаи ҷаҳониён мебошад.